ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА
ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БАРНОМАИ МИЛЛИИ ТАВОНБАХШИИ МАЪЮБОН БАРОИ СОЛҲОИ 2017-2020

# НАЦИОНАЛЬНАЯ ПРОГРАММА РЕАБИЛИТАЦИИ ИНВАЛИДОВ НА 2017 - 2020 ГОДЫ

Душанбе - 2016

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 октябри соли 2016,
№ 455 тасдиқ шудааст

# БАРНОМАИ МИЛЛИИ ТАВОНБАХШИИ МАЪЮБОН БАРОИ СОЛҲОИ 2017-2020

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 28 октябри соли 2016 № 455

ш. Душанбе

Дар бораи Барномаи миллии тавонбахшии
маъюбон барои солҳои 2017 – 2020

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ҷиҳати иҷрои банди 10 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2015, №21 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 ва вазифаҳои барои соли 2015» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1. Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017 – 2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ҳамоҳангсози Барномаи мазкур Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

3. Вазорату идораҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо дар доираи маблағҳои пешбинишудаи буҷетӣ ва аз ҳисоби дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, барои татбиқи мақсаду вазифаҳои пешбининамудаи Барнома чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷараёни иҷрои Барнома ҳар нимсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомалӣ Раҳмон

**Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020** – Н. Салимзода (роҳбари умумӣ), С. Умарзода, (роҳбари гурӯҳ), Д.Н. Содиқова, Л.С. Бобоҳоҷиева, Ш.Р. Раҳматуллоев, Қ.Б. Қурбонов, А.Р. Ҳоҷаева, А. Исмоилов, А. Ғ. Ғоибов, А.Ҷ. Шехов, Ҳ.А. Наврӯзов, С. Мишра, С. Қаландаров, З.А. Комилова

## ТАРАФҲОИ МАНФИАТДОР

**Мақомоти масъул (ҳамоҳангсоз) -** Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии ВТҲИА, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Заводи протезӣ ва маҳсулоти ортопедӣ (Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Хоруғ), Мааҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо, Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон ва маъюбон (А. Ҷомӣ, Бохтар, Вахш, Деваштич, Душанбе, Истаравшан, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд, Хуросон), Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб «Чорбоғ», Машваратгоҳҳои психологӣ-тиббӣ-педагогӣ (Б. Ғафуров, Душанбе, Исфара, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Панҷикент, Хоруғ, Хуҷанд), Маркази ҷумҳуриявии саломатии равонии кӯдакону наврасон, Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии кори ҳамширагӣ, Маркази ҷумҳуриявии барқарорсозии солимии кӯдакон, Пажуҳишгоҳи ташхиси тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон, Раёсатҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳру ноҳияҳо, Хадамоти ташхиси тиббию иҷтимоии ВТҲИА, хона-интернати пиронсолон ва маъюбон (Турсунзода, Ёвон, Панджикент, Ҷ. Расулов), шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи шаҳру ноҳияҳо.

**Вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон** – Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шарикон оид ба рушд** – Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ), Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), Ассотсиатсияи кӯмак ва дастгирии Ҷопон (AAR JAPAN), Агентии Япония оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA), Агентии Швейтсария доир ба ҳамкорӣ ва рушд, Барномаи муштараки СММ оид ба ВНМО/БППП (UNAIDS), Барномаи рушди СММ, Бонки осиёгии рушд (АБР), Бонки умумиҷаҳонӣ, Институти

«Ҷамъяти кушода»-и Бунёди мадад дар Тоҷикистон, «Каритас» (Олмон), Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дар Тоҷикистон – Фонди махсус барои маъюбият (ICRC-SFC), Миссияи Шарқ, Намояндагии Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ дар Тоҷикистон (USAID), Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оперейшен Мерси, Раёсати комиссариати Олии СММ оид ба гурезагон (UNHCR), Раёсати СММ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (UNDESA), Сафорати Британияи Кабир дар Тоҷикистон, Сафорати ИМА дар Тоҷикистон, Сафорати Ҳиндустон дар Тоҷикистон, Сафорати Ҷопон дар Тоҷикистон, Сафорати Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар Тоҷикистон, СММ-Занон (UN Women), Ташкилоти байналмилалии меҳнат (ILO), Хендикап Интернейшнл, Ҷамъияти Олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GiZ).

**Ташкилотҳое, ки дар самти маъюбият фаъолият мебаранд, шахсони дорои маъюбият, ассотсиатсияҳои волидайни кӯдакони дорои маъюбият, ташкилотҳои ҷамъиятии маъюбӣ -**, Ассотсиатсияи кормандони иҷтимоӣ «Фароштурук», Ассотсиатсияи наврасони «Аврора», Иттиҳодияи маъюбони н. Балҷувон, Иттиҳоди маъюбони Чернобил, Иттиҳодияи миллии карҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳодияи миллии маъюбони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Коалитсияи ассотсиатсияҳои волидайни кӯдакони дорои маъюбият, Кумитаи миллии параолимпикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кӯдакистони махсус барои кӯдакони маъюбии нутқ доштаи №151, Кӯдакистони махсус барои кӯдакони нобино ва биноияшон сусти №42, Литсейи касбии маъюбон, Мактаб-интернатҳои кӯдакони маъюбии биноӣ ва шунавоӣ дошта (Б. Ғафуров, Рӯдакӣ), Мактаб- интернати низоми махсус дар ш. Хуҷанд, Мактаб-интернати низоми махсуси №3, Мактаб интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони нобино ва биноияшон суст (Хуҷанд, Исфара, Ҳисор), Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони низоми махсус (фалаҷи атфол), Маркази амалиёти зидди минаҳо, зидди пиёдагард ва снарядҳои ярокҳои оташфишон, Маркази кӯдакону наврасони ш. Душанбе, Маркази рушди демократия, Маркази Тоҷикистонии оид ба масъалаҳои мина, Олимпиадаи махсус дар Тоҷикистон, ТҶ «Баракати Хоҷамӯъмин», ТҶ волидайни кӯдакони дорои маъюбият «Рушди инклюзия», ТҶ «Ғамхорӣ», ТҶ «Дилсӯз», ТҶ «Дилшод», м «Дунёи кӯдакон», ТҶ «Дунёи меҳр», ТҶ занҳои маъюб «Малика», ТҶ «Здоровье», ТҶ «Заршедабону», ТҶ иттиҳодияи шахсони иллати шунавои дошта ш. Хоруғ, ТҶ кумитаи волидайни кӯдакони маъюбиятдошта «Ояндасоз-2014», ТҶ кӯдакони иллати шунавои доштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ТҶ «Мақсад», ТҶ «Манбаи меҳр», ТҶ «Маркази Нур», ТҶ «Маҳбуб», ТҶ «Маҷруҳон», ТҶ «Маърифат», ТҶ маъюбон «Равонбахш», ТҶ маъюбон «Ҳамдам», ТҶ маъюбони шаҳри Душанбе «Имконият», ТҒ маъюбони ш.Чкаловск, ТҒ «Мусаффо», ТҶ «Мушфиқи маъюбон», ТҶ нобиноёни шаҳри Душанбе, ТҶ «Нури Офтоб», ТҶ «Нури Умед», ТҶ «Прогресс», ТҶ «Рангинкамон», ТҶ «Свет миру», ТҶ «СиДа», ТҶ созмони занҳои маъюб «Иштирок», ТҶ ташаббуси волидайни кӯдакони дорои аутизм «Ирода», ТҶ «Тақдир», ТҶ федератсияи байни-минтақавии варзишӣ шахсони маъюбиятдошта, ТҶ «Чароғи меҳр», ТҶ «Эҳё ва дастгирӣ», Федератсияи спорти шахсони маъюбиятдошта, Федератсияи спорти шахсони маъюбиятдошта дар вилояти Суғд, Ҷамъиятии кӯмаки маъюбони Б. Ғафуров,

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| ВАО | Воситаҳои ахбори омма |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВМША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ГКоТ | Гурӯҳи корӣ оид ба тандурустӣ |
| ГКОМҲ | Гурӯҳи корӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ |
| ГКОТ | Гурӯҳи корӣ оид ба масъалаҳои тавонбахшӣ |
| ГКҲИваҲМ | Гурӯҳи корӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии маъюбон |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КВДЗПО | Корхонаи воҳиди давлатии "Заводи ортопедию протезӣ" (КВД ЗПО) |
| КМ | Кӯдакони маъюб |
| КОҲМ | Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои маъюбон |
| КР | Кумитаи роҳбарикунанда |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МПТП | Машваратгоҳи психологӣ-тиббӣ ва педагогӣ |
| МТ | Марказҳои тавонбахшӣ |
| ПваО | Протез ва ортезҳо |
| РҲИ | Раёсати ҳифзи иҷтимоӣ |
| СММ | Созмони Милали Муттаҳид |
| СШМ | Созмонҳо оид ба шахсони маъюб |
| ТҒҲ | Ташкилотиҳои ғайриҳукуматӣ |
| ТБФМС | Таснифоти байналмилалии фаъолият, маъюбият ва тандурустӣ |
| ТЕТ | Технологияҳои ёрирасони тиббӣ |
| ТСҶ | Тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат |
| ТҶ | Ташкилотҳои ҷамъиятӣ |
| ТУТ | Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ |
| ХКСММ | Хазинаи кӯдакони СММ |
| ҲОММ | Ҳамоҳангсозон оид ба масъалаҳои маъюбият |
| ҲУТЁТ | Ҳамкориҳои умумӣ оид ба технологияҳои ёрирасони техникӣ (GATE) |
| ШМ | Шахсони маъюб |
| ШТСҶ | Шабакаи тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат |
| ШХИДХ | Шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона |

# МУНДАРИЧА

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ** .......... 7

**1. МУҚАДДИМА** .......... 9

**2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ** .......... 10

**2.1 Вазъи байналмилалӣ** .......... 10

**2.2 Вазъият дар ҷумҳурӣ** .......... 11

**3. МАҚСАД ВА САМТҲОИ СТРАТЕГИИ БАРНОМА** .......... 14

**3.1 Солимгардонӣ ва пешгирии маъюбӣ** .......... 14

**3.2 Тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ** .......... 16

**3.3 Таъминоти иҷтимоии маъюбон** .......... 16

**3.4 Ҳамгироии масъалаҳои вобаста ба маъюбият** .......... 18

**4. АФЗАЛИЯТ ВА УСУЛҲОИ ТАТБИҚИ БАРНОМА** .......... 19

**4.1 Солимгардонӣ ва пешгирии маъюбӣ** .......... 21

**4.2 Тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ** .......... 22

**4.3 Таъминоти иҷтимоии маъюбон** .......... 23

**4.4 Ҳамгироии масъалаҳои вобаста ба маъюбият** .......... 24

**5. НАТИҶАҲОИ МУНТАЗИРА АЗ БАРНОМА** .......... 25

**6. МЕХАНИЗМИ МОНИТОРИИГ ВА АРЗЁБИИ БАРНОМА** .......... 26

**7. НИШОНДИҲАНДАҲОИ БАРНОМА** .......... 28

**8. НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ТАТБИҚИ БАРНОМАИ МИЛЛӢ** .......... 32

**9. ШАРИКОН ОИД БА ТАТБИҚИ БАРНОМАИ МИЛЛӢ** .......... 63

**10. ИСТИЛОҲОТ** .......... 67

# 1. МУҚАДДИМА

Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020 (минбаъд - Барнома) мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» ва инчунин ҷиҳати иҷрои банди 10 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 ва вазифаҳо барои соли 2015» таҳия шудааст.

Барнома хусусияти иҷтимоӣ ва зиддибуҳронӣ дошта, татбиқи он бо дарназардошти ҳадафҳои рушди устувори Созмони Миллали Муттаҳид то соли 2030 ба тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ, солимгардонӣ ва тавонбахшии маъюбон нигаронида шудааст.

Барнома, ки барои панҷ сол пешбинӣ мешавад, ба фароҳам овардани шароити мусоид бо имкониятҳои баробар барои ҳама тавассути беҳтар намудани вазъи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии маъюбон, аз ҷумла тавонбахшии тиббию иҷтимоии онҳо равона гардидааст.

Барнома дурнамои рушди дарозмуҳлати Ҷумхурии Тоҷикистонро, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 зикр шудааст, инъикос менамояд. Илова бар ин, ҳангоми баррасии маърӯзаи дуюми миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба Шарҳи универсалии даврӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон 6 майи соли 2016 Тоҷикистон аз тасмими баимзорасонии Конвенсия «Оид ба ҳуқуқи маъюбон» хабар дод. Бояд тазаккур дод, ки ҳам дар қонунгузорӣ ва ҳам дар Барнома муқаррароти Конвенсияи зикршуда ворид шудааст.

Шахсони маъюб мисли дигар шаҳрвандон ҳуқуқи дастрасии баробар ба ҳамаи хизматрасониҳо, аз ҷумла тандурустӣ, хизматҳои иҷтимоӣ, тавонбахшӣ, таҳсилот ва барномаҳои рушди малакаҳоро доранд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мавқеи Созмони Миллали Муттаҳид (СММ), аз ҷумла Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) дар мавриди назар ҳамфикр буда, маъюбиятро ҳамчун мушкилоти соҳаи тандурустии ҷамъиятӣ, ҳуқуқи инсон ва афзалияти рушд баён менамояд.

Маъюбият тамоми бахшҳоро фаро гирифта, ӯҳдадорӣ ва иштироки ҷанбаҳои гуногуни манфиатдорро талаб мекунад. Он муносибати амиқу мукаммалро дар ҳама ҷанбаҳо вобаста ба таҳияи сиёсат ва ташкили хизматрасониҳо тақозо менамояд. Барномаи пешниҳодшуда мақсадеро пайгирӣ месозад, ки ҳамчун восита барои қонеъгардонии ниёзмандиҳои маъюбон бо роҳу усулҳои натиҷабахшу самаранок хизмат намояд. Он бар ҳамкорӣ ва шарикӣ асос ёфта, барои ташаббусу эҷодкорӣ дар ҳама сатҳи ҷомеа бо мақсади истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда, аз ҷумла захираҳои молиявӣ, инфрасохторҳ ва инсонӣ мусоидат менамояд ва ҳамчунин муносибатҳои нав ва усулҳои амалиро татбиқ месозад.

Барнома баҳри таъмини татбиқи самаранок ва ноилшавӣ ба натиҷаҳои устувор бо истифода аз муносибати мукаммал барои ҳалли мушкилиҳои маъюбон дар соҳаҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ стратегияи ҳамаҷонибаро пешниҳод менамояд,

ки он аз ҷумла чунин масъалаҳоро дар бар мегирад: муносибати ба ҳуқуқ асосёфта; муносибати байнисоҳавӣ; хизматрасониҳо вобаста аз ниёзҳои инфиродӣ; муносибати бисёрҷанба; тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои шахсони маъюб ва оилаи онҳо.

Барномаи мазкур ба соҳаҳое дахл дорад, ки ба тандурустӣ, тавонбахшӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, маърифатнокӣ, шуғл ва ҳамгироии масъалаҳои маъюбият муносибат доранд. Барномаи миллиро нисбат ба ҳамаи шахсони маъюб истифода намудан мумкин аст, аз ҷумла:

а) шахсоне, ки муддати дароз ба вайроншавии фаъолияту ҳаракати ягон узв гирифторанд, аз ҷумла онҳое, ки одатан маъюб ба ҳисоб мераванд:

- онҳое, ки бо аробачаи маъюбӣ ҳаракат мекунанд;
- ашхоси мушкилоти биноӣ ё шунавоӣ дошта;
- онҳое, ки иллати ақлонӣ ва рӯҳӣ доранд.

б) ашхосе, ки бинобар доираи васеи масъалаҳои ба тандурустӣ вобастабуда барои фаъолияту ҳаракат намудан мушкилӣ доранд, аз ҷумла:

- дорои бемориҳои шадиди харобшавӣ, бемориҳои сироятӣ, иллатҳои асаб ё бемориҳои рӯҳӣ, осебҳо, ҳолати баъдиҷарроҳӣ ва ғайра;
- дорои бемориҳои ғайрисироятӣ, ки чун бемориҳои музмин маъмуланд;
- дорои оқибатҳои раванди пиронсолӣ.

# 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ

## 2.1 Вазъи байналмилалӣ

Маъюбият ҷузъи таркибии ҳолати инсон мебошад - қариб ҳар як кас дар ягон лаҳзаи зиндагӣ сустшавии муваққатӣ ё доимии фаъолиятро ва ҳамчунин шахсони то пиронсолӣ умр ба сар дида мушкилоти афзоянда барои фаъолиятро эҳсос мекунанд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки зиёда аз як миллиард нафар (15 фоизи аҳолӣ дар ҷаҳон) аз он ҷумла 95 миллион нафар кӯдакон (5,1 фоиз), айни замон дорои ягон навъи маъюбӣ мебошанд.

Маъюбият ба таври номутаносиб гурӯҳҳои бештар осебпазири аҳолиро фаро гирифта, дар байни занон, пиронсолон ва камбизоатон дида мешавад. Аксари ашхоси маъюб дар кишварҳои сатҳи даромадашон паст (тақрибан 80 фоиз) зиндагӣ мекунанд. Теъдоди шахсони маъюб дар ҷаҳон вобаста ба омилҳои гуногун рӯ ба афзоиш дорад, аз ҷумла: дарозшавии умри одамон; афзоиши миқёси паҳншавии ҳолатҳои музмини бемориҳо; зиёдшавии ҷароҳату осебҳои тасодуфӣ, табобати самараноки ҳолатҳои вазнин ва мураккаби бемориҳо ба шарофати дастовардҳои солҳои охир дар соҳаи тиб ба дастомада.

Шахсони маъюб назар ба дигар шаҳрвандони ягон маҳдудият дар саломатӣ надошта, эҳтимолияти доштани мақоми пасттари иҷтимоию иқтисодӣ ва сатҳи пасти зиндагӣ мебошанд. Аксаран саломатии онҳо низ чун саломатии шахсони камбизоат дар сатҳи паст аст. Бештари монеаҳо, ки маъюбон ба онҳо дучор меоянд, бартарафшавандаанд ва дар сурати рафъи онҳо ба дастовардҳои мусбат дар ҳамаи ҷабҳаҳои зиндагӣ, аз қабили таҳсил, дарёфти шуғли мувофиқ, оила ва ҷомеа ноил мегарданд. Ғайр аз ин, дар маҷмӯъ сатҳи

баланди нигаҳдории тандурустии аҳолӣ, аз ҷумла шахсони маъюб, ба инкишоф бештари кишвар, сарфи назар аз сатҳи иқтисодии он, таъсир мерасонад.

Барои ба натиҷаҳои устувору назаррас ноил шудан чор принсипи умумии хизматрасониро бояд ба назар гирифт:

Дастрасӣ - ҳамаи шаҳрвандон ба хизматрасониҳо дастрасӣ дошта дар мавриди зарурӣ аз онҳо истифода бурда метавонанд. Ба ин мавҷудияти хизматрасонӣ ва дастрас будани нархи он низ дохил мешавад. Ба ғайр аз тағйири муҳити зоҳирии ҷисмонӣ он ҳамчунин ба ислоҳоти низомҳои самту маълумот, аз ҷумла арзёбии дурусти талаботи афрод, баҳодиҳӣ ва таснифоти хизматрасониҳои мавҷуда ва зарурӣ, ислоҳоти молиявӣ ва ҳисоби арзишҳои хизматрасониҳо ва дигар низ дахл дорад.

Мавҷудият - хизматрасониҳо мавҷуд буда, дар мавриди зарурӣ дастрас мебошанд. Шахсони маъюб аксар вақт ба дастрасии нопурра ба хизматрасониҳои дахлдор дар сатҳи ҷамоат бинобар мавҷуд набудани онҳо чӣ аз нигоҳи фарогирии омилҳои ҷуғрофӣ ва ҳам аз нигоҳи гуногунии хизматрасониҳо дучор мешаванд. Тақвияти хизматрасониҳои мавҷуда ва таъмини рушди хизматрасониҳои нав, ки захираҳои нави техникию молиявиро, инчунин мавҷудияти иловатани мутахассисони варзида ва кормандонро дар бар мегирад, дар ҳалли масъалаҳои ба мавҷудияти хизматрасониҳо алоқаманд нақши муҳимро мебозад.

Арзиши хизматрасонӣ ва дастрасӣ ба он - хизматрасониҳо бояд ройгон ва ё бо нархи ба шаҳрвандони ба чунин хизматрасониҳои иҷтимоӣ ниёздошта, ҷоиз расонида шаванд. Ин, ба ҳамаи тадбирҳои зарур, ки барои дастрасии молиявии гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро ба хизматрасонии иҷтимоӣ дар сатҳи маҳал имконпазир мегардонад, дахл дорад.

Ҳисоботдиҳӣ - таҳвилгарони хизматрасониҳо шаффофияти фаъолияти молиявӣ ва ташкилиро риоя менамоянд. Ин на танҳо ба шаффофияти идоракунии молиявии хизматрасонӣ балки умуман ба раванди ташкили он: сиёсати амиқ ва роҳбарӣ аз рӯи дастурҳо, риояи тартибу қоидаҳои дохилӣ ва ғайра низ дахл дорад.

Ҳамгироии масъалаҳои маъюбӣ дар маҷмӯъ бо хизматрасониҳои самараноки тиббӣ, тавонбахшӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ барои болоравии мақоми иҷтимоиву иқтисодӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии шахсони маъюб ва оилаҳои онҳо мусоидат менамояд.

Дастрасӣ ба хизматрасониҳои тавонбахшӣ аз рӯи вазъи саломатӣ унсури муҳими таъсиррасонӣ барои амалӣ кардани ҳуқуқ ба тандурустии шахсони маъюб мебошад.

## 2.2 Вазъият дар ҷумҳурӣ

Хароҷоти ҷорӣ барои соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ аз рӯи ҳисоб 4 фоизи ММД ташкил карда, ҳиссаҳо мутаносибан ба самтҳои зерин тақсим карда мешаванд: кумаки иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ. Низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа қариб 80 фоизи хароҷотро ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад, ҳол он ки кумакпулиҳои иҷтимоӣ дар шакли хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ мутаносибан 11 фоиз ва 2 фоизро ташкил медиҳанд. Тибқи ҳисоботҳо, дар соли 2012 хароҷоти давлатӣ ба соҳаи тандурустӣ тақрибан 7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти давлатиро ташкил кардааст. Бо вуҷуди ин тамоюли мусбии марбут ба маблағгузории

соҳаи тандурустӣ барои ҷуброни фарсудашавии иншоот ва таҷҳизоти тиббӣ кофӣ нест. Илова бар ин, сатҳи маблағгузории давлатӣ барои хизматрасонии дастрас ва асосии тиббию санитарӣ ба гурӯҳҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон бояд таҷдиди назар карда шавад. Аз рӯи ҳисобот хароҷоти тандурустӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2012 ба 60 доллари ШМА баробар буд, ки он дар муқоиса, нисбат ба соли 1995 ҳаждаҳ маротиба зиёд аст. Баъд аз ба даст овардани истиқлолият хароҷоти тандурустӣ аз ҳисоби шахсии мизоҷон хеле баланд буда, дар соли 2012 тақрибан 60 фоизро ташкил кард.

То январи соли 2014 дар Тоҷикистон 167865 нафар шахсони маъюб ба қайд гирифта шудааст. Ин тақрибан ба 2 фоиз аз шумораи умумии аҳолии кишвар баробар аст. Усулҳои ҷамъоварии маълумот оид ба шахсони маъюб дар соли 2006 ва соли 2012 тағйир ёфтанд. Мувофиқи тағйиру иловаҳои дар соли 2012 воридгардида кӯдакони аз 2-сола хурд акнун ҳамчун маъюб ба қайд гирифта намешаванд, чунки онҳо ба муассисаҳои хизматрасониҳои дахолати барвақтӣ вобаста карда шудаанд. Ҷадвали зерин тамоюлҳои охирро оид ба маълумоти миллӣ дар бораи шахсони маъюби бақайдгарифта пешниҳод менамояд.

Ҷадвали 1. Маълумот оид ба шахсони чун маъюб ба қайд гирифташуда (калонсолон ва кӯдакони синни то 18-сола, миқдори умумӣ ва ҳодисаҳои нав, шумора ва таносуб, соли 2000 ва солҳои 2010-2014.

| **Тағйирёбанда** | **2000** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Теъдоди умумии аҳолӣ (миллион) | 6.13 | 7.53 | 7.62 | 7.81 | 7.9 | 8.16 |
| **Миқёси паҳншавии маъюбӣ** | | | | | | |
| Ҳамагӣ шахсони маъюбиятдошта (ҳазор) | 106.407 | 156.716 | 161.341 | 171.447 | 166.593 | 167.865 |
| Шахсони маъюбиятдошта, ба сари ҳар 1000 нафар аҳолӣ | 17 | 21 | 21 | 22 | 21 | 21 |
| Кӯдакони маъюбиятдошта то синни 18 сола | 17.444 | 20.348 | 24.013 | 30.133 | 26.226 | 24.493 |
| Кӯдакони маъюбиятдошта то ба 10 000 кӯдакон | 67 | 65 | 72 | 86 | 79 | 73 |
| **Ҳолатҳои нави маъюбшавӣ** | | | | | | |
| Ҳолатҳои нави бақайдгирифта (ҳамагӣ) | 7.069 | 12.805 | 12.899 | 12.194 | 8.085 | 9.320 |
| Ба сари ҳар 10 000 нафар аҳолӣ | 12 | 17 | 17 | 16 | 10 | 11 |

Дар Тоҷикистон муносибати одамон нисбати маъюбон дар даҳсолаҳои охир хеле дигаргун шудааст: аз шинохти маъюбон ба ҳайси мафҳуми хайргиранда, гирандаи хизматрасонии тиббӣ ва кӯмакпулиҳо то қабули онҳо ҳамчун шаҳрванди комилҳуқуқ. Муносибат дар асоси ҳуқуқҳои инсон боз ҳам бештар дар ҳуҷҷатҳо ва стратегияҳои ҳуқуқии нав таҳиягардида, инъикос ёфтааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» иштироки баробари шахсони маъюбро дар ҷамъият тавассути таъмини ниёзмандиҳои онҳо ва дастрасии кафолатнок ба хизматрасониҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ, таҳсилот, таъмин шудан бо ҷойи кор, омӯзиши касбӣ, фарҳанг, варзиш ва дилхушӣ, нақлиёт, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва технологияҳои иттилоотиро тақозо менамояд. Аз

соли 2011 таҳсилоти кӯдакони маъюб дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, №228 қабул гардидааст, дастгирӣ мешавад. Дар Консепсияи мазкур он ӯҳдадориҳои доимии таъминкунандагони хизматрасониҳои таълиму омӯзиш оид ба таъмини дастрасӣ ва иштирок дар таҳсилоти кӯдакони маъюб бидуни табъиз таъкид шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари хизматрасониҳои мавҷударо барои шахсони маъюб, аз ҷумла дар муассисаҳои статсионари ва ғайристатсионарӣ ва марказҳои будубоши рӯзона аз ҳисоби буҷети миллӣ маблағгузорӣ менамояд. Мувофиқи нишондиҳандаҳои соли 2014 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби Буҷети давлатӣ барои нигоҳубини маъюбон 14,0 миллион сомонӣ, аз ҷумла барои нигоҳубини рӯзона 24,8 ҳазор сомонӣ харҷ намудааст. Дар соли 2014 1371 нафар маъюбон бо воситаҳои техникии ёрирасон (протез, ортез, аробачаҳои маъюбӣ ва дигар воситаҳои ҳаракат ва дигар воситаҳои ёрирасоии техникӣ), бо арзиши умумии 37,9 ҳазор сомонӣ таъмин карда шуданд. Хароҷоти умумии давлатҳ ба хизматрасониҳои мазкур 41,9 миллион сомониро ташкил дод, ки афзоиши воқеии хароҷот дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 14 фоиз зиёд аст, чунки нафақаи маъюбӣ низ ба он дохил аст. Ба ҳолати январи соли 2015 153248 нафар (аз ҷумла 25086 нафар кӯдакон) кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ва нафақаи маъюбӣ гирифтаанд, аз ҷумла кӯдакони дорои маъюбии модарзод, онҳое, ки баъдан маъюбӣ шудаанд ва онҳое, ки дар ҷойи кор осеб дидаанд. Илова бар ин, ба собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (ҶБВ) ёрии иҷтимоӣ ба маблағи умумии 12,4 миллион сомонӣ расонида шудааст.

Ҳарчанд теъдоди хизматрасониҳо барои шахсони маъюб дар солҳои охир рӯ ба афзоиш ёфта бошад ҳам, хизматрасониҳои мавҷуда барои таъмини ниёзу талаботи аҳолӣ ҳам аз рӯи миқдор ва ҳам аз рӯи сифат кофӣ нестанд. Мушкилиҳои ошкоршудаи ҳалталабро дар маҷмӯъ чунии тасниф кардан мумкин аст:

- маблағгузории нокифоя ба масъалаҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ;
- набудани стратегия ва заминаи қонунгузории маҳдуд оид ба масъалаҳои корношоямӣ;
- номутобиқатӣ байни санадҳои меъёрии амалкунанда бо татбиқи онҳо дар амал;
- набудани мониторинги бонизом ва арзёбии татбиқи санадҳои меъёрӣ;
- ҳамоҳангии заиф байни шариконе, ки соҳаи тандурустӣ, тавонбахшию ҳифзи иҷтимоӣ ва маорифро дастгирӣ менамоянд;
- набудани механизмҳои роҳнамои байни таъминкунандагони хизматрасониҳо;
- фаъолияти нокифояи ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ТҶ) ва ташкилотҳои ғайриҳукумати (ТҒҲ) дар самти кор бо маъюбон;
- сатҳи пасти фаъолият ва маърифати иҷтимоию иқтисодии шахсони маъюб ва оилаҳои онҳо;
- набудани мутахасисони баландихтисос дар соҳаҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ;

- набудани меъёрҳои сифати пешниҳоди хизматрасониҳо ва мониторинги зарурии хизматрасониҳо дар соҳаи маъюбӣ;
- набудани хизматрасониҳои тавонбахшӣ ва ҳамоҳангии сохторҳои шуғли меҳнат дар ҳама сатҳ, бахусус дар деҳотҷойҳо;
- имконияти маҳдуди низоми дастгирии хизматрасониҳои ичтимоӣ дар самти маъюбӣ;
- монеаҳо дар муҳити беруна, ки шахсони маъюб ба онҳо рӯ ба рӯ мешаванд;
- миқдор ва дастрасии маҳдуд ба воситаҳои ёрирасони техникӣ;
- пастзанӣ бо ҷурми айби ҷисмонӣ (стигма) ва мафкураи нодуруст, ки барои дастрасӣ ба хизматрасониҳо монеъ мешаванд;
- набудани иттилооти кофӣ оид ба манфиат ва имконоти хизматрасониҳои тавонбахшӣ дар паст кардани сатҳи вайроншавии ҳаракат ва маъюбӣ, инчунии мусоидат намудан ба фарогирӣ ва таъмини иштироки шахсони маъюб дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт.

# 3. МАҚСАД ВА САМТҲОИ СТРАТЕГИИ БАРНОМА

Барномаи пешниҳодшуда ҷиҳати иҷрои стратегияҳои миллӣ, аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020 ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 таҳия шудааст. Барнома дар асоси ислоҳоти стратегие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагии тамоми аҳолӣ, аз ҷумла шахсони маъюб ва аъзои оилаҳои онҳо таҳия карда шудааст. Самтҳои умумии Барнома дар ҳадафҳои умумӣ ва самтҳои стратегии дар зер оварда зикр шудаанд:

Мақсад: Баланд бардоштани тадбирҳои солимгардонӣ, хизматрасонии тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони маъюб бо мақсади фароҳам овардани муҳити мусоид бо имкониятҳои баробар барои ҳама.

Самтҳои стратегии Барнома аз инҳо иборатанд:

- солимгардонӣ ва пешгирии бемориҳо;
- тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ;
- таъминоти иҷтимоии маъюбон;
- ҳамгироии масъалаҳои вобаста ба маъюбият (мусоидат ба шуғли маъюбон).

## 3.1 Солимгардонӣ ва пешгирии маъюбӣ

Вазифаи асосии самти «Солимгардонӣ ва пешгирии бемориҳо» аз бартараф намудани монеаҳо ва беҳтар намудани дастрасӣ ба барномаю хизматрасониҳои тиббӣ-санитарӣ барои маъюбон дар саросари ҷумҳурӣ иборат мебошад.

Беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ барои маъюбон омили муҳими мусоидаткунанда барои ноил шудан ба кӯшишу умедҳо, аз ҷумла ба таҳсилот, имконияти ёфтани шуғл, нигоҳубин ва иштирок дар оила, ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоӣ аст. Чорабиниҳо дар доираи Барномаи миллӣ ба татбиқи ҳадафҳои дар боло қайдшуда нигаронида шудаанд ва ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи солимгардонӣ ва некӯаҳволии шахсони маъюб дар саросари кишвар мусоидат мекунанд. Онҳо ҳамчунин ба риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии шахсони маъюб мусоидат менамоянд. Саломатии хуб тадриҷан ба ноил гардидан ба натиҷаҳои устувор дар беҳгардонии мавқеи иҷтимоиву иқтисодии маъюбон ва аъзои оилаҳои онҳо ёрӣ мерасонад, ки он дар навбати худ барои ба ҳадафҳои рушд ва инкишофи босуръати иқтисодӣ расидан бештар мусоидат менамояд.

Барномаи миллӣ Стратегияи миллии солимии аҳолиро бо роҳи ҷорӣ намудани чорабиниҳои мушаххаси ба қонеъгардонии талаботи шахсони имконияти маҳдуддошта нигаронидашуда мукаммал менамояд. Татбиқи фаъолият дар доираи Барномаи миллӣ ба раванди муттасили мукаммалгардонии низоми ҷории ягонаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, ки ҷузъи асосии раванди ислоҳоти низоми тандурустӣ аст, мусоидат хоҳад кард. Он ба тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумат андешидашаванда ҷиҳати ҳалли мушкилоти норасоии ёрию нигоҳубини дармонгоҳӣ, аз он ҷумла муассисаҳои нигоҳубини рӯзона, хонаҳои пиронсолон ва маъюбон, марказҳои ҷарроҳии дармонгоҳӣ, хизматрасонии кӯмак ва дастгирӣ дар хонаҳо тақвият бахшида ба онҳо имконоти иловагӣ медиҳанд.

Барои иҷрои вазифаи асосии дар боло тавсифшуда доираи васеи чорабиниҳои амалӣ татбиқ карда мешаванд. Дар ҳолате, ки баъзе аз онҳо маблағгузории молиявӣ ва ислоҳоти назарраси хизматрасониҳои мавҷударо (масалан, таъмиру нигоҳдории муассисоти мавҷуда, сохтмони муассисоти нав, таъмини онҳо бо таҷҳизоти муосир) талаб мекунанд, баъзеи дигар сармоягузории новобастаро талаб намекунанд, вале ба натиҷаҳои дарозмуддати устувор оварда мерасонад (масалан, таҳияи барномаву стратегияҳои нав, такмилу беҳтарсозии ҳамоҳангсозӣ, идоракунӣ ва назорат). Чорабиниҳои дар самти «Солимгардонӣ ва пешгирии бемориҳо» дар саросари ҷумҳурӣ амалишаванда ба беҳдоштии саломатии шахсони маъюб тавассути чунин фаъолият хоҳанд овард:

- беҳтар намудани раванди муайяннамоии барвақтии нуқси физиологӣ ва маъюбӣ;
- беҳтар намудани дастрасӣ ба меъёрҳои хизматрасониҳои тиббии ройгон ё бо арзиши дастрас ва босифат, ки ба дигар шахсони боқимонда расонида мешавад;
- беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои махсуси тиббии зарур барои шахсони маъюб бинобар сустшавии ҳаракату фаъолият ва хизматрасониҳои дигар барои паст кардану пешгирии маъюбӣ дар оянда;
- тавсеаи доираи хизматрасониҳои ҳам умумӣ ва ҳам махсуси дастрас барои шахсони маъюб дар саросари ҷумҳурӣ ва аз он ҷумла дар минтақаҳое, ки хизматрасониҳо маҳдуданд;
- рушди ҳамкориҳо байни муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва барномаҳои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоатҳо;
- баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ дар тамоми минтақаҳо.

## 3.2 Тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ

Вазифаи асосии самти стратегии «Тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ» аз бартараф намудани монеаҳо ва беҳтар намудани сатҳи дастрасӣ ба хизматрасониву барномаҳо оид ба тадбирҳои ё иҷтимоӣ (абилитатсия) ва тавонбахшӣ (реабилитатсия) барои маъюбон дар саросари ҷумҳурӣ иборат аст.

Барнома тавонбахширо, ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои ёридиҳанда ба шахсони маъюб ё зери хавфи маъюбӣ қарордошта, ҷиҳати ноилшавӣ ва нигоҳдории ҳаракату фаъолияти муносиб дар робита бо муҳити атроф майян намудааст.

Тавонбахшӣ ба шахсони дорои маъюбият барои фаъолнокӣ, баргаштан ба оила ё ҷомеа, мустақилона зиндагӣ кардан ва иштирок намудан дар барномаҳои таълимӣ, бозори меҳнат ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ ёрӣ мерасонад. Чорабиниҳое, ки дар доираи самти мазкур иҷро мешаванд, дар асоси риояи ҳуқуқҳои инсон бо такя ба шахси алоҳида ва оила барои ба хизматрасониҳои тавонбахшӣ (реабилитатсия) гузаштан мусоидат менамоянд. Тадбирҳои дар доираи Барномаи миллӣ татбиқшаванда, дар натиҷа ба беҳшавии хизматрасониҳои тавонбахшӣ ба маъюбон ва рушди бефосилаи хизматрасониҳои унвонӣ дар самтҳои зерин мусоидат менамояд: пешгирии аз даст додани имконияти ҳаракату фаъолият; паст кардани сатҳи хавфи аз даст додани ҳаракату фаъолият; беҳгардонӣ ё барқарор намудани ҳаракату фаъолиятнокӣ; ҷуброни ҳаракату фаъолиятнокии аздастдода; нигоҳдории ҳаракатнокии мавҷуда.

Бо дарназардошти он ки тавонбахшӣ (реабилитатсия) раванди байнисоҳавист, Барномаи миллӣ таҷрибаи гуногунҷабҳаро, ки аз ҷониби кормандони соҳаи тандурустӣ дар ҳамкорӣ бо коршиносони бахши маориф, шуғлнокӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳо амалӣ мегарданд, тақвият мебахшад. Ин иқдом барои ҷалби кормандони ғайрикасбӣ, ба монанди кормандони тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоатҳо, аъзои оила, дӯстон ва дигар аъзо ва ё гурӯҳҳои ҷомеа мусоидат менамояд. Хизматрасониҳои тавонбахшӣ дар доираи васеи муассисаҳо, аз ҷумла муассисаҳои статсионарӣ ва дармонгоҳӣ, муассисаҳои парваришгоҳӣ, дар шароити ҷамоатҳо ва хонаҳо расонида мешаванд. Илова ба муносибати бисёрҷабҳа, имконияти таҳияи муносибати байнифаннӣ низ омӯхта мешавад. Барои беҳтар кардани дастрасӣ ба воситаҳои ёрирасони техникӣ тадбирҳои мушаххас андешида шуда, тарзҳои истифодаи онҳо ба худи шахсони маъюб ва аъзои оилаҳои онҳо омӯзонида мешаванд.

## 3.3 Таъминоти иҷтимоии маъюбон

Вазифаи асосии самти стратегии «Таъминоти иҷтимоии маъюбон» аз бартараф намудани монеаҳо ва беҳгардонии сатҳи дастрасӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ барои маъюбон ва оилаҳои онҳо иборат аст.

Барнома ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ҳамчун хизматрасонию барномаҳои ба коҳиши талафот бинобар омилҳои камбизоатӣ, бекорӣ, пиронсолӣ ва маъюбӣ равонашуда муайян намудааст.

Барнома ба пешниҳоди маҷмӯи якҷояи хизматрасонӣ ва кафолатҳо ҷиҳати рафъи омилҳое, ки ба осебпазирӣ ва истисноӣ оварда мерасонанд, нигаронида хоҳад шуд. Амалишавии Барномаи миллӣ ба саъю кӯшишҳои Ҳукумат баҳри таҳкими ҳифзи

иҷтимоии гурӯҳҳои бештар осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла шахсони маъюб мусоидат хоҳад кард. Чораҳои пешниҳодшуда дар мутобиқат бо вазъи тағйирёбанда ва имкониятҳои молиявии кишвар тарҳрезӣ шуда, ба устувории дарозмуддат нигаронида шудаанд. Ба он чораю тадбирҳои ба доираи васеи-масъалаҳо вобаста ба кӯмакпулиҳо (нафақаҳо) оид ба маъюбӣ ва мусоидати минбаъда дар таъмини хизматрасониҳои инфиродӣ, ба монанди хизматрасонии тиббии рӯзона, барномаҳои парасторӣ дар хона ва барномаҳои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат, инчунин масъалаи барҳам додани муассисаҳои тиббии шакли пӯшида барои кӯдакони маъюб дохил мешаванд.

Такмили раванди бақайдгирии шахсони маъюб яке аз фаъолиятҳои асосии Барнома мансуб ёфта, барои беҳтар фаҳмидани тамоюлоти мавҷуда дар соҳаи маъюбӣ дар ҷумҳурӣ имкон медиҳад. Он ҳамчун ҷузъи пурарзиши назорати эпидемиологию санитарии маъюбӣ буда, барои таҳия ва қабули қарорҳои асоснок аҳамияти калон дорад.

Аз нав дида баромадани муқаррароту заминаи ҳуқуқии амалкунанда, аз ҷумла, меъёру роҳнамоҳо барои пешниҳоди хизматрасонии ҳифзи иҷтимоӣ ба роҳу равиш ва механизмҳои идоракунии инфиродии ҳолатҳо тадриҷан тақвият мебахшад. Барномаи миллӣ фаъолиятеро низ дар бар мегирад, ки ба рушди захираҳои инсонӣ ва болоравии салоҳияти касбии кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ оварда мерасонад. Ин бошад, мавҷудияти таҷрибаи заруриро барои татбиқи босамари ташаббусҳои Ҳукумат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ таъмин менамояд.

Татбиқи чорабиниҳо дар доираи Барномаи миллӣ барои расидан ба чунин ҳадафҳо имкон медиҳад:

- афзоиши батадриҷи фарогирии шахсони дорои имконоти маҳдуд ва оилаҳои онҳо бо ҳифзи тавассути тавсеи миқёси ёрии иҷтимоӣ, суғурта ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ;
- тавассути ҷорӣ намудани муносибати нисбатан мукаммал дар самти ислоҳоти унсурҳои асосии ҳифзи иҷтимоӣ, ба монанди кӯмаки иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ, вусъат додани ҷорикунии муносибати аз ҷиҳати илмӣ ва дар сатҳи амалияи илмӣ асоснокшуда;
- вусъат додани фарогирии маъюбон дар ҷомеа тавассути ҷорӣ намудани намудҳои хизматрасонии иҷтимоии нави ба амалияи пешқадам асосёфта барои шахсони дорои имконоти маҳдуд;
- беҳтар намудани ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои масъули соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва ҷалби онҳо ба ҳама марҳилаҳои татбиқи Барномаи миллӣ;
- беҳтар намудани бақайдгирии шахсони дорои имконоти маҳдуд, механизмҳои назорат ба маъюбӣ ва таҳлили маълумоти умумӣ оид ба маъюбӣ ва инчунин ба даст овардани иттилооти мӯътамад ва саҳеҳи дастрас барои тасмимоти асоснок;
- тарбияи насли навраси муносиби мутахассисони соҳибкасбӣ ба муассиса ҷалбгардида ва пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва дигар ҷанбаҳои ҳифзи иҷтимоӣ;

- идома додани ислоҳоти маъмурӣ дар системаи таъминоти нафақа, кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилоти ғайричашмдошти дар раванди ислоҳот бамиёномада.

## 3.4 Ҳамгироии масъалаҳои вобаста ба маъюбият

Вазифаи асосии самти стратегии «Ҳамгироии масъалаҳои вобаста ба маъюбият» аз бартараф намудани монеаҳо ва беҳтар намудани дастрасии баробари шахсони маъюб ба тамоми хизматрасониҳои асосии бисёрҷанба иборат аст.

Дар Барнома ҳамгироии масъалаҳои ба маъюбӣ вобаста ҳамчун раванде муайян шудааст, ки тавассути он ҳамаи тарафҳои манфиатдор, иштироки шахсони маъюбро дар баробари шахсони солим дар ҳама намудҳои фаъолият ва хизматрасониҳои барои ҷомеаи васеъ пешниҳодшуда, аз ҷумла хизматрасониҳо дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таҳсилоти касбӣ, рушди малакаҳо, инчунин, шуғлнокӣ таъмин менамоянд.

Фаъолияти таъмини ҳамгироии масъалаҳои маъюбӣ дар доираи Барномаи миллӣ на танҳо функсияи таъмини ҳуқуқҳои асосии маъюбон, балки самаранокии дар ҳаёт татбиққунии тадбирҳои дар доираи се самти дигари таҳияшударо низ афзун менамояд. Он дар навбати худ ба самаранокии дарозмуддатии Барнома мусоидат мекунад.

Ба роҳ мондани фаъолияти дар доираи самти стратегии «Ҳамгироии масъалаҳои вобаста ба маъюбият» таҳиягардида сарфи назар аз мавҷудияти мақоми маъюбӣ доштани шахси маъюб ба татбиқи принсипҳои баробарӣ дар ҳама ҷодаҳои ҳаёт мусоидат хоҳад кард. Ҳуқуқҳои маъюбон ба раванди банақшагирӣ, таҳия, татбиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунии сиёсати асосӣ ва санадҳои меъёрии дар ҳама соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла масъалаҳои таҳсилот, барномаҳои тайёрии касбӣ ва рушди малакаҳо, инчунин ташаббусҳо оид ба дастгирии шуғлнокии истифодашаванда, ворид карда мешаванд. Шахсони маъюб ба раванди қабули қарорҳо дар тамоми ҷузъҳои таҳияи самтҳои асосии сиёсат ва дар ҳамаи сатҳи идоракунӣ, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷалб карда мешаванд.

Татбиқи Барнома ба ташаббусҳои имрӯза, ки дар саросари ҷумҳурӣ бо мақсади тағйир додани муносибат ва тартиботи умумиқабулшуда вобаста ба масъалаҳои маъюбӣ дар ҳама сатҳҳои ҷомеа ва пешниҳоди хизматрасониҳо таҳким мебахшад. Гузариш ба амалияи ҳамгироии масъалаҳои маъюбӣ дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҷумла кам кардани таъсири монеаҳо дар муҳити атроф бо мақсади мусоидатнамоӣ ба дастрасии баробар ба хизматрасониҳо ва фарогирӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ба роҳ монда мешавад.

# 4. АФЗАЛИЯТ ВА УСУЛҲОИ ТАТБИҚИ БАРНОМА

Маъюбӣ масъалаи бисёрҷанба ба шумор рафта, муносибати маҷмӯӣ ва амалиёти ҳамгироиро талаб мекунад. Сохтор ва муносибати Барнома аз рӯи принсипҳои асосии зерин амалӣ мешавад:

- эҳтироми хусусияти маъюбон ва эътирофи онҳо ба сифати ҷузъҳои гуногунии одамият ва инсоният:
- эҳтироми шаъну шараф, мустақилияти шахсии ба инсон тааллуқдошта, аз ҷумла озодӣ дар интихоби шахсӣ ва мустақилияти шахсӣ;
- баробарҳуқуқии мардону занон;
- эҳтиром ба рушди имкониятҳои кӯдакони маъюб;
- роҳ надодан ба табъиз ва таъмини имкониятҳои баробар;
- дастрасӣ, ҷалб ва фарогирии самараноку комил ба ҷомеа.

Бо мақсади таъмини самаранокӣ ва устувории худ Барнома дар асоси муносибатҳои ба далелҳо асосёфта таҳия шудааст, аз ҷумла:

- муносибати ба ҳукуқҳои инсон асосёфта;
- фарогирии умумӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ;
- муносибати барои тамоми умри боқимондаи инсон пешбинишуда, аз ҷумла пешниҳоди парасторении пайваста;
- муносибати байнисоҳавӣ;
- муносибати ба инсон нигаронидашуда, аз ҷумла тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои шахсони маъюб.

Самтҳои афзалиятноки зайл муайян гардидааст, ки амалиёти асосӣ ба онҳо равона мешавад, то ин ки чор самти асосии Барнома (солимгардонӣ ва пешгирии бемориҳо, тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоии маъюбон, ҳамгироии масъалаҳои вобаста ба маъюбият) дар ҳаёт татбиқ шаванд:

- такмили заминаи қонунгузории амалкунандаи марбут ба масъалаҳои солимгардонӣ, тавонбахшӣ ва ҳамгироии масъалаҳои маъюбӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони маъюб, инчунин татбиқи чораҳо оид ба роҳ надодан ба табъиз ва механизми баррасии арзу шикоятҳо;
- беҳтар кардани механизмҳои муайянсозии шахсони маъюб ва таҳкими низоми амалкунандаи бақайдгирии маъюбӣ;
- такмили усулҳои ҷамъоварии маълумот ва назорат аз болои маъюбӣ;
- такмили хизматрасониҳои мавҷудаи тиббӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва тавсеаи онҳо бо мақсади фарогирии умумӣ;
- таҳкими дастгирии маъюбон аз тарафи шахсони алоҳида ва ҷомеа ба воситаи фарогирӣ ва таъмини иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҷумла, фаъолияти иҷтимоӣ, варзишӣ, фароғатӣ ва фарҳангӣ;

- рушди солимгардонии фарогир барои шахсони маъюб;
- такмили дастрасии муассисоту хизматрасониҳо барои шахсони маъюб;
- дастгирии амнияти иқтисодӣ ва мустақилияти шахсони маъюб;
- баланд бардоштани сатҳи малакаҳои касбии мутахассисони маҳаллӣ ва кормандони ёрирасон;
- мусоидат намудан ба рушди салоҳиятнокии касбӣ нисбати масъалаҳои ба маъюбият вобаста ва рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ нисбати маъюбон;
- тағйир додани муносибати ҷамъият ва васеъ намудани имкониятҳои шахсони маъюб.

Бо дарназардошти хусусияти маҷмӯӣ доштани масъалаҳои маъюбӣ, чораҳои барои татбиқи мақсадҳои умумии Барнома пешниҳодшаванда аз ҳамкорӣ ва ҳамгироии байниякдигарии сохторҳои гуногун, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии соҳаи солимгардонӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои маъюбият, дастгирии фаъолияти инноватсионӣ ва истифодаи муносибату усулҳои нав вобаста аст. Муносибату усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ки дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудаанд, бо дарназардошти шароиту хусусиятҳои ба ҷумҳурӣ хос дар давоми татбиқи Барнома мутобиқ ва истифода карда мешаванд.

Хусусияти фарогирӣ доштани Барнома амалҳои ҳамоҳангшударо дар соҳаҳои гуногун талаб менамояд. Дар ҳоле ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши пешбарро дар татбиқи Барнома мебозад, дигар вазорату идораҳои давлатӣ ҷиҳати татбиқи он кӯшишу ҳамкориҳои якҷояро амалӣ мекунанд. Бо мақсади мусоидат намудан ба татбиқи самараноки Барнома тибқи тартиби муқарраргардида механизмҳои байниидоравии ҳамгироӣ оид ба табодули иттилоот ба роҳ монда мешавад. Муҳимияти ҳамоҳангсозии байнисоҳавиро барои татбиқи бомуваффақона ба назар гирифта, дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсатҳои тандурустии шаҳру вилоятҳо Кумитаи ҳамоҳангсозӣ оид ба тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои имконоти маҳдуди ҷисмонӣ таъсис дода мешавад.

Барнома ҷиҳати амалигардонии мақсадҳои худ, таҳия кардани дурнамо дар ояндабинии дарозмуддат муносибати байнисоҳавиро татбиқ намуда, донишҳоро бо таҷрибаи андӯхтааш мустаҳкам менамояд. Ба ғайр аз Кумитаи ҳамоҳангсозӣ оид ба тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои имконоти маҳдуди ҷисмонӣ бо мақсади амалисозии муттасили чорабиниҳо дар соҳаҳои мушаххас механизмҳои иловагӣ татбиқ ҳоҳанд шуд. Ба ин механизмҳо таъсиси гурӯҳҳои махсуси корӣ, шӯроҳои ҳамоҳангсоз ва шабакаҳои касбӣ дохил мешаванд. Чунин муносибат ба таҳкиму истифодаи самараноки таҷрибаи мавҷуда дар самтҳои муайян (масалан, қонунгузорӣ, дастурҳои клиникӣ ва пайнавиштҳо, тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат, воситаҳои ёрирасони техникӣ) имкон медиҳад. Муносибати бисёрсоҳавӣ чун асоси хизматрасониҳои самараноки тиббӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ истифода бурда мешавад. Азбаски теъдоди зиёди аҳолии Тоҷикистон, ки дар манотиқи деҳот ва дурдаст зиндагӣ доранд ва аз норасоии мутахассисони расман таҳсилкарда танқисӣ мекашанд барои ҳалли

мушкилоти мазкур ҷиҳати пешниҳоди парасторӣ аз усулҳои гуногун истифода хоҳанд шуд.

Кор дар сатҳи гуногун (аз ҷумла сатҳи таҳиякунии сиёсат, маориф, пешниҳоди хизматрасонӣ, истифодабарандагони хизматрасониҳо, деҳот, оила ва афроди алоҳида) ба дигаргунишавии муносибат, болоравии савияи дониш ва амалияи дахлдор куллаи дар ҷомеа меорад. Давлат ҳама гуна воситаҳои ғайринутқӣ - аз қабили забони имою ишора, забони Брайл, навъҳои гуногуни муоширатро аз рӯйи интихоби шахсони маъюб пазируфта, барои истифодаи он дар раванди муоширати расмӣ мусоидат менамояд. Дар зер роҳҳои татбиқ, ки барои ҳар чор самтҳои стратегӣ пешниҳод шудаанд, оварда шудааст.

## 4.1 Солимгардонӣ ва пешгирии маъюбӣ

Ҳуқуқи маъюбонро ба хизматрасониҳои тиббию санитарӣ эътироф намуда, барои бартарафсозии монеаҳо ва таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳою барномаҳои тиббӣ чораҳои зарурирo андешида, Барнома чунин корҳоро иҷро менамояд:

а) таъмини маҷмӯи сифат ва стандарти хизматрасониҳои ройгон ва ё аз ҷиҳати арзиш дастрас ва барномаҳои ҳифзи тандурустӣ барои маъюбон, ҳамчуноне, ки ба дигар шахсон расонида мешавад, аз ҷумла дар соҳаи солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ;

б) пешниҳоди хизматрасониҳо дар соҳаи тандурустӣ, ки ба шахсони маъюб бо сабаби маъюбияташон заруранд, ба монанди ташхиси барвақтӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ, хизматрасониҳои махсуси таҳиякарда бо мақсади паст кардан ва пешгирии пайдоиши маъюбият, алалхусус дар байни кӯдакон ва пиронсолон;

в) ба қадри имкон ташкил намудани хизматрасониҳои тиббӣ-санитарӣ дар мавзеъҳои ба ҷои зисти шахсони маъюб наздик, аз ҷумла дар деҳот;

г) аз кормандони соҳаи тандурустӣ талаб кардани пешниҳоди хизматрасониҳои сифаташ баланд ба шахсони маъюб ба ҳамон тавре, ки ба ашхоси маъюбӣ надошта расонида мешавад;

д) табъизро дар расонидани ёрӣ, хизматрасониҳои тиббӣ ё истеъмоли ғизои мувофиқ дар асоси маъюбӣ пешгирӣ намояд.

Ҷузъиёти умумӣ ва махсуси ба маъюбӣ вобаста, ки ба саломатии шахсони маъюб дахл доранд, ба сиёсати мавҷуда, стратегия ва нақшаҳо, аз ҷумла, Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020 ворид карда мешаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуҷҷатҳои нави сиёсӣ, стратегия ва нақшаҳо ҷиҳати таъмини татбиқи ҳуқуқҳои маъюбон, аз ҷумла ҳуқуқи ба баландтарин меъёрҳои саломатӣ бидуни табъиз дар асоси маъюбӣ расидан, таҳия ва татбиқ карда мешаванд.

Хусусияти заминаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ бо мақсади имкони воридсозӣ ва таъмини риояи пешниҳоди хизматрасонии умумии тиббӣ ва инчунин таҳияи маҷмӯи муайяни стандартҳо ҷиҳати ҳалли талаботи шахсони маъюб вобаста ба саломатии онҳо аз нав таҷдид карда мешаванд. Дар ҳоле, ки таҷдиди заминаи қонунгузорӣ кафолати тақвияти асосҳои ҳуқуқиро ба хизматрасониҳои умумӣ ва махсусгардонидашудаи тиббӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои асосии шахсони маъюб медиҳад, санадҳои меъёрӣ (масалан,

фармоишҳои вазорат, меъёрҳои талабот барои муайян намудани маъюбӣ, стандартҳои хизматрасонӣ, пайнавиштҳои клиникӣ) риоя ва ҳамгироии онҳоро дар амал таъмин менамояд.

Стандартҳои нав ва аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда бо мақсади муайянсозии бармаҳали дараҷаи вайроншавиҳои фаъолият ва маъюбӣ таҳия ва ҷорӣ карда мешаванд. Пайнавиштҳои клиникии мавҷуда дар асоси усулҳои амалияи пешқадами аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, бо мақсади таъмини хизматрасониҳои беҳтарини тиббию санитарии имконпазир, дар давоми ҳаёти шахсони маъюб аз нав дида баромада мешаванд.

Роҳбарӣ ва идоракунии системаи тандурустии фарогир барои шахсони маъюб дар сатҳи миллӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ бо мақсади идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳои дахлдор ва ҳангоми дар ҳолатҳои зарурат танзим намудани нақшаи ибтидоии Барнома ба роҳ монда мешавад.

Сатҳи огоҳӣ оид ба масъалаҳои маъюбӣ бо роҳи ҳамгироии масъалаҳои вобаста ба маъюбият ба барномаи таълимии омодагии касбии мутахассисони соҳаи тандурустӣ ва барномаҳои ботадриҷ баланд бардоштани тахассуси касбият, аз ҷумла такмили донишу малакаҳои касбӣ тавассути фаъолиятҳои амалӣ ва имконияти омӯзиш дар ҷойи корӣ беҳтар карда мешавад. Татбиқи Барнома инчунин, монеаҳои мавҷударо, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳо халал ворид месозанд, масалан, дастрасии ҷисмонӣ, иттилоотнокӣ ва муоширát бартараф менамояд.

## 4.2 Тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ

Чораҳои барои ноилшавӣ ба ҳадафи умумии самти стратегии «Тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ» таҳияшуда, ҳам ба калонсолон ва ҳам ба кӯдакон равона шудаанд. Онҳо инчунин, ба шахсони маъюб ва барои онҳое, ки зери хавфи баланди гирифторшавӣ ба маъюбӣ доранд, дастрас хоҳанд шуд (масалан, шахсони гирифтори бемориҳои ғайрисироятӣ). Усулҳои амалии аз ҷиҳати илмӣ асосноки тавонбахшӣ, ки дар сатҳи байналмилалӣ самаранок эътироф шудаанд, дар шароити маҳаллӣ барои таҳкими хизматрасониҳои тавонбахшии мавҷуда ва таҷдиди системаи ҷорӣ бо мақсади кафолати пешниҳоди маҷмӯи хизматрасониҳои тавонбахшӣ дар саросари ҷумҳурӣ арзёбӣ мегардад.

Барнома бо дарназардошти ҳуқуқҳои маъюбон ба абилитатсия ва тавонбахшӣ, аз ҷумла, бо дастгирии шахсони маъюб додани имконоти ноилшавӣ ба қобилияти пурраи худнигоҳубинии мустақили ҷисмонӣ, ақлонӣ, иҷтимоӣ, касбӣ, ҷалбшавии пурра дар ҳамаи сатҳҳои фарогирӣ ва иштирок дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёт чораҳои самаранок ва мувофиқро хоҳад андешид. Бо ҳамин мақсад, давлат маҷмӯи хизматрасониҳову барномаҳои абилитатсионӣ ва тавонбахширо, махсусан дар соҳаҳои солимгардонӣ, шуғлнокӣ, таҳсилот ва хадамоти иҷтимоӣ тарзи ташкил, таҳким ва васеъ менамояд, ки ин хизматрасонҳо ва барномаҳо:

а) ҳарчи барвақтар татбиқашон оғоз гашта, ба натиҷаҳои арзёбии бисёрсоҳаи эҳтиёҷот ва тарафҳои қавии шахс асос ёфта бошанд;

б) барои ҷалбу фарогирӣ ба ҷомеа ва тамоми дигар ҷанбаҳои ҳаёт мусоидат намуда, хусусияти ихтиёрӣ дошта бошанд ва дастрасии шахсони маъюб ва ҳарчи наздиктари мақоми зисти онҳо, аз ҷумла дар деҳот бошанд.

Барнома тадбирҳои мушаххасро бо мақсади беҳтар намудани хизматрасониҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои шахсони дорои ҳамаи навъҳои маъюбӣ, аз ҷумла шахсони дорои иллатҳои нутқ ё шунавоӣ, биноӣ ва иллати асаб меандешад. Он барои инкишофи таълими ибтидоӣ ва бозомӯзии минбаъдаи мутахассисон ва ҳайати кормандони дар соҳаи хизматрасониҳои муайян (абилитатсионӣ) ва тавонбахшӣ фаъолияткунанда мусоидат мекунад. Инчунин, соҳиби дониш будан ва истифодабарии воситаҳои ёрирасони техникию технологиро, ки барои шахсони дорои маъюбият таҳия гардидаанд, ҳавасманд мекунад, чунки онҳо ба фаъолиятҳои абилитатсионӣ ва тавонбахшӣ мансубанд.

Низоми нави технологияи ёрирасони тиббӣ ҷорӣ карда мешавад, ки ба беҳтар намудани дастрасӣ ба воситаҳои ёрирасони техникӣ ва таъмини умумии хизматрасониҳои дахлдор барои шахсони дорои маъюбият - ҳам кӯдакон ва ҳам калонсолон, дар саросари ҷумҳурӣ мусоидат мекунад. Азбаски ҳаракати инфиродӣ унсури муҳими тавонбахшӣ аст, давлат тадбирҳои муассирро барои таъмини барномаҳои тавонбахшии ҳаракати инфиродии шахсони маъюб, бо мустақилияти то ҳади ниҳоии имконпазир меҷӯяд, аз он ҷумла ба воситаи:

а) мусоидат намудан ба ҳаракати инфиродии шахсони маъюб бо усулҳои интихобнамудаи онҳо ва вақти хостаашон бо нархи дастрас;

б) осонгардонии дастрасии шахсони маъюб ба воситаҳои ёрирасони босифат ва мувофиқ, ки ҳаракати онҳоро осон мегардонанд, таркибот, технологияҳои иловагӣ ва хизматрасониҳои ёрдамчиён ва миёнаравон, аз ҷумла аз ҳисоби пешниҳод намудани онҳо бо арзиши арзон ва дастрас;

в) омӯзонидани малакаҳои ҳаракат ба шахсони маъюб ва мутахассисони ба онҳо ёрирасон;

г) ташвиқу водорнамоии муассисаҳое, ки бо истеҳсоли воситаҳои осонкунандаи ҳаракат, таҷҳизоту технологияҳои ҳаракатӣ машғулбуда барои баҳисобгирии тамоми ҷанбаҳои ҳаракати шахсони дорои маъюбият.

## 4.3 Таъминоти иҷтимоии маъюбон

Барнома ҳуқуқҳои шахсони маъюбро ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ба истифодабарии ин ҳуқуқ бидуни табъиз дар асоси маъюбӣ эътироф намуда, барои амалӣ намудани тадбирҳои зерин мусоидат менамояд:

а) таъмин намудани дастрасии шахсони маъюб ва оилаҳои онҳо, ки дар сатҳи камбизоатӣ қарор доранд, ба кӯмаки давлатӣ бо мақсади пӯшонидани хароҷоти вобаста ба маъюбӣ, аз ҷумла таҳсилоти мувофиқ, маслиҳатдиҳӣ, кӯмаки иҷтимоӣ ва нигоҳубини муваққатӣ дар хона (хизматрасонии дамгирии муваққатӣ);

б) таъмин намудани дастрасӣ ба таъминоти воситаҳои техникии ёрирасон ва шаклҳои дигари маҳсулоти протезию ортопедӣ, ки барои қонеъ гардонидани талаботи ба маъюбӣ алоқаманд зарур аст;

в) таъмини дастрасии шахсони маъюб, аз ҷумла занону духтарон ва пиронсолони маъюб ба барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ;

г) бартараф намудани омилҳое, ки боиси маъюбии шаҳрвандон мегарданд ва пешгирии осебпазирии шахсони маъюб ва оилаҳои онҳо;

д) таъмин намудани дастрасии маъюбон ба ҳама зинаҳои таҳсилот, омодасозӣ ба омӯзиши пайваста дар давоми ҳаёт, ки ба маъюбият алоқамандӣ дорад ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба воситаи тадбирҳое, ки баробариро барои дастрасӣ ёфтан ба таҳсилот ва шуғлнокӣ таъмин менамоянд, дастгирӣ ва расонидани кӯмак ба шахсони маъюб ва оилаҳои онҳо;

е) таъмини дастрасии баробари шахсони маъюб ба оби тоза;

ё) таъмини дастрасии маъюбон ба барномаҳои нафақаи имтиёзӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ.

Ҳуқуқҳои баробари ҳамаи шахсони маъюбро барои дар мавзеъҳои муқаррарӣ зиндагӣ намудан, бо ҳуқуқҳои баробари интихоб бо дигар шахсони ғайримаъюб ба назар гирифта, давлат тадбирҳои муассир ва заруриро барои мусоидат намудан ба татбиқи пурраи ҳуқуқҳои маъюбон, фарогирии пурра ва иштироки онҳоро дар ҷамъият, аз ҷумла тавассути таъмини он ки:

а) маъюбон имконияти баробар бо дигар одамон интихоб намудани ҷойи истиқомати худ, яъне дар куҷо ва бо кӣ зиндагӣ карданро дошта, вазифадор нашудаанд, ки дар ягон ҷойи муайян ва бо тартиботи махсус зиндагӣ намоянд;

б) маъюбон ба хизматрасониҳои гуногун, ки дар хона, маҳалли истиқомат ё дигар хизматрасониҳои иловагии дар сатҳи ҷамоат пешниҳодшаванда, аз ҷумла кӯмаки инфиродии зарурӣ барои дастгирии ҳаёт ва фарогирии он дастрасӣ дошта бошанд, инчунин ба танҳоӣ ва ҷудокунии (сегрегатсияи) онҳо аз ҷомеа роҳ дода нашавад;

в) хизматрасонӣ ва иншооти истифодабарии ҷамъиятӣ, ки дар маҷмӯъ барои аҳолӣ пешбинӣ шудаанд, бояд ба таври якхела ба ҳамаи сокинон ва ба шахсони маъюб низ дастрас ва ба ниёзҳои онҳо ҷавобгӯ бошанд.

## 4.4 Ҳамгироии масъалаҳои вобаста ба маъюбият

Бо дарназардошти он ки маъюбият консепсияи рушд буда, дар натиҷаи таъсири мутақобили ашхоси ҳаракату фаъолияташон халалдоршуда ва одатҳои ахлоқӣ ва монеаҳои иҷтимоии ба иштироки пурра ва самараноки онҳо дар ҷомеа баробари дигарон монеъшаванда пайдо мешавад, Барнома ба ҳамгироии масъалаҳои ба маъюбӣ вобаста, ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи стратегияи рушди устувор дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ мусоидат менамояд.

Барнома ворид намудани талаботи шахсони дорои маъюбиятро ба қонунгузорӣ, стандартҳо, сиёсат, стратегия ва нақшаҳои амалкунанда ва навтаҳияшуда таъмин менамояд. Ҳамчунин он ба қабули ороиши ҳаматарафа ва ҳамгироии воситаҳои оқилонаи ёрирасон бо мақсади самарабахш қонеъ гардонидани талаботи шахсони дорои маъюбият мусоидат менамояд.

Ҳамгироии масъалаи вобаста ба маъюбият ба иҷрои уҳдадориву ҳамкориҳо дар ҳама сатҳ ва дар байни тамоми бахшҳои ҷомеа мусоидат хоҳад кард. Бо эътирофи он ки дастрасӣ як ҷанбаи муҳими ҳамгироии масъалаҳои маъюбият аст, Барнома тадбирҳои

мувофиқи таъминро бо мақсади дастрасии шахсони дорои маъюбият баробар бо дигарон ба муҳити ҷисмонӣ, ба нақлиёт, иттилоот ва воситаҳои алоқа, аз ҷумла системаву технологияҳои иттилоотию муоширатӣ, инчунин дигар иншооту хизматрасониҳои барои аҳолии чи шаҳр ва чи деҳот мавҷуда ё пешниҳодшаванда меандешад. Инчунин, ин тадбирҳо, ки муайян ва бартараф намудани монеаҳои ба дастрасӣ халалрасонандаро дарбар мегирандд, бояд вусъат ёбанд, аз ҷумла:

а) дар биноҳову роҳҳо, нақлиёт ва дигар иншооти дохилӣ ва беруна, аз ҷумла муассисаҳои тиббӣ, марказҳои тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, мактабҳо, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, биноҳои истиқоматӣ ва ҷойҳои корӣ;

б) дар хадамоти иттилоотӣ, алоқа ва дигар хадамоти хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои электронӣ ва фавқулодда,

Барнома ҳамчунин тадбирҳои дигари муносибро низ меандешад, то ин ки:

а) ҳадди ақали меъёру дастурҳоро, ки дастрасии воқеии иншооту хизматрасониҳои барои аҳолӣ кушодабуда ва ё пешниҳодшавандаро пешбинӣ карда, риояи онҳоро мунтазам зери санҷиш қарор диҳад;

б) иншоот ва хадамоти ба аҳолӣ аз тарафи соҳибкорон ё бахши хусусӣ пешниҳодшавандаро мунтазам назорат намояд, то ин ки тамоми ҷанбаҳои дастрасӣ барои шахсони дорои маъюбият ба назар гирифта шаванд;

в) барои ҳамаи тарафҳои манфиатдор оид ба масъалаҳои ба дастрасӣ вобаста, ки шахсони дорои маъюбият рӯ ба рӯ мешаванд, дастурҳо таҳия намуда, омӯзиш гузаронад;

г) тадриҷан бинову дигар иншооти барои аҳолӣ кушодаро бо аломатҳои бо алифбои Брайл навишта ва шакли осонхон ва фаҳмидани шахсони дорои маъюбият овезанд;

д) шаклҳои гуногуни хизматрасониҳо аз ҷониби ихтиёриён, миёнаравон, роҳбаладон, хонандагон ва тарҷумонҳои касбии забони имову ишора бо мақсади осонии дастрасӣ ба биноҳо ва дигар иншооти хизматрасони ба аҳолӣ пешниҳод шаванд;

е) инкишофи шаклҳои дигари кӯмак ва дастгирии маъюбон бо мақсади мусоидат намудан барои дастрасии онҳо ба иттилоот таъмин шавад.

## 5. НАТИҶАҲОИ МУНТАЗИРА АЗ БАРНОМА

Тоҷикистон худро дар ҳама сатҳи ҷомеа ҳамчун кишвари дорои имкониятҳои бузург ва дараҷаи баланди ҷонибдорӣ ҷиҳати беҳтар намудани сифати зиндагии шахсони дорои маъюбият ва оилаи онҳо нишон дод. Ҷиҳати мусоидат ба иҷрои дастуру супоришҳои марбутаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони созмонҳои ҷамъиятии маъюбон, ташкилотҳои ғайриҳукуматию созмонҳои байналмилалӣ, инчунин дигар қишрҳои дахлдори ҷомеа барои беҳтар намудани хизматрасонӣ ба шахсони маъюб ва аъзои оилаҳои онҳо тадбирҳои амалӣ меандешанд.

Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020 барои панҷ сол пешниҳод шуда, мақсади он беҳтар намудани сатҳи тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои маъюбият ва фароҳам овардани муҳити мусоид бо имкониятҳои баробар барои ҳама мебошад.

Дар назар аст, ки Барномаи пешниҳодшаванда, ба рушди ҷумҳурӣ дар натиҷаи тақвияти ислоҳоти ҷорӣ тавассути қонеъ намудани ниёзҳои муҳими шахсони дорои маъюбият ва оилаҳои онҳо дар саросари кишвар, аз ҷумла онҳое, ки дар деҳот умр ба сар мебаранд, мусоидат менамояд. Он имконияти ташкил намудани замимаи мустаҳками ба далелҳо асосёфтаро ҷиҳати қабули қарорҳои асоснок фароҳам меоварад, ки калиди таҳияи сиёсати бомуваффақият ва беҳгардонии амалияи мавҷуда мебошад. Ин бошад ба ҷамъшавии донишҳои нав ва истифодаи амалии он ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо мусоидат хоҳад кард. Барнома инчунин, ба эҷодкорӣ ва ташаббуснокӣ дар ҳама сатҳи ҷомеа нисбат ба истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, аз ҷумла захираҳои молиявӣ, инфрасохтори мавҷуда ва сармояи инсонӣ мусоидат хоҳад кард. Яке аз натиҷаҳои муҳими чашмдошт, беҳгардонии ҳамкорӣ байни тарафҳои гуногуни манфиатдор, аз ҷумла онҳое, ки қарор қабул менамоянд, ҷомеаи тиббӣ ва дигар мутахассисон, ташкилотҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ, инчунин ташкилотҳои маъюбон, худи шахсони дорои маъюбият ва аъзои оилаҳои онҳо мебошад. Ин имконияти ҳамгироии масъалаҳои ба маъюбӣ вобаста ва бунёди муҳити дӯстонаро нисбат ба шахсони дорои маъюбият фароҳам меоварад.

Ба шахсони дорои маъюбият хизматрасониҳои босифат пешниҳод карда мешавад, ки ба васеъ намудани имконият ва маҳсулнокии фаъолияти онҳо мусоидат менамояд. Барнома ба раванди тағйирот дар муносибат ва амалия, ба бунёди ҷомеаи ҳуқуқӣ мусоидат хоҳад кард, ки дар он шахсони дорои маъюбият бо шаъну эътибори баробар зиндагӣ мекунанд ва саҳми худро дар беҳтар намудани ҷомеа дар асоси нақшаи амалиёти пешниҳодшуда мегузоранд. Ҳамаи натиҷаҳои чашмдошт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки рушди минбаъдаи ҷомеаи имкониятҳои баробарҳуқуқ идома ёфта, ба намунаи пешоҳанги давлат бо сиёсат ва амалияи самарабахш барои шахсони бо маъюбӣ зиндагикунанда мубаддал гардад.

## 6. МЕХАНИЗМИ МОНИТОРИИГ ВА АРЗЁБИИ БАРНОМА

Мониторинг ва арзёбӣ ҳамчун унсурҳои муҳими татбиқи Барнома эътироф шуда, татбиқи онҳо дар тамоми давраи он гузаронида мешавад. Он ҳамчунин имконияти бақайдгирию таҳлили натиҷаҳо ва амалӣ намудани қарорҳои саривақтиро нисбати даъватҳои имконпазир ва мушкилоти ғайричашмдошт медиҳад. Барои иҷрои вазифаҳо ва чорабиниҳо оид ба мониторингу арзёбӣ ҷадвали зерин истифода бурда мешавад:

- мониторинг ҳамчун фаъолияти мунтазам бо омодасозии минбаъдаи ҳисоботҳо, ҳар шаш моҳ дар як соли тақвимӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ гузаронида мешавад;
- арзёбӣ ҳамасола аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ гузаронида мешавад, ки натиҷаҳои онҳо дар ҳамоиши баррасии муштараки солонаи Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020 дар охири ҳар як соли тақвимӣ пешниҳод карда мешавад.

Бо мақсади таъмини мониторинг ва арзёбии самарабахш маълумоти ибтидоӣ ва дубораи сифатӣ ва миқдорӣ ҷамъоварӣ карда мешавад. Дар семоҳаи аввали татбиқи Барнома усулу воситаҳои махсус оид ба гузаронидани мониторинг таҳия гашта, ба таври

мувофиқ ба фаъолияти мониторинг ворид карда мешаванд. Арзёбии солона бо мақсади арзёбии натиҷаҳо, таҳлили дастовардҳо ба сӯи мақсад ва вазифаҳои пешгузоштаи Барнома, муайян намудани мушкилот, таҳия ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба чораҳои самаранок ва дахолат, барои ҳалли самараноки мушкилоти муайяншуда ва таъмин намудани татбиқи муваффақонаи Барнома гузаронида мешавад. Гузориши натиҷаҳои мониторинӣ ва арзёбӣ дар ҳамоҳангӣ бо дигар вазорату идораҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ омода ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигар дар ҳолатҳои зарурӣ пешниҳод карда мешавад.

# 7. НИШОНДИҲАНДАҲОИ БАРНОМА

| Самти стратегӣ | Самти афзалиятнок | Нишондиҳанда ва мухлатҳо/натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|
| Тадбирҳои муштарак ва чорабиниҳои байнисоҳавӣ | Ҳамкориҳои доимии байнисоҳавӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо | Соли 2017 (1) хамоҳангсозон оид ба масъалаҳои маъюбӣ дар вазорату идораҳои гуногун таъйин гашта, фаъолият менамоянд |
| | | Соли 2017 (1) Кумитаи роҳбарикунанда мунтазам ҷаласаҳо гузаронида самаранок фаъолият менамояд |
| | | Соли 2017 Гурӯҳҳои кории мақсадноки махсус таъсис дода шуда, самаранок фаъолият менамоянд |
| | | Соли 2017 (3) Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои маъюбият дар саросари қаламрави ҷумҳурӣ созмон дода шуда, бомуваффақият ба фаъолият шурӯъ менамояд |
| | Такмил додани заминаи конунгузорӣ ва меъёрии хуқуқии амалкунанда оид ба масъалаҳои маъюбӣ | То соли 2018 (4) Қонун «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» такмил дода мешавад |
| | | То соли 2018 (4) Заминаи қонунгузорӣ ва меъёрию ҳуқуқии амалкунанда оид ба масъалаҳои таъмини ҳуқуқу ниёзҳои маъюбон (нав) таҷдид мегардад |
| | | То соли 2018 Усулҳои муроҷиат барои баррасӣ (таҷдиди) шикояти одамони маъюб таҳия ва истифода мегардад |
| | | Соли 2017 Тавсияҳо оид ба беҳтар намудани заминаи молиявии хизматрасониҳои мавҷуда ба маъюбон тасдиқ мегардад |
| | | То соли 2018 як низоми нави равонасозӣ барои сари вақт ошкор кардани вайроншавии ҳаракату фаъолият (маъюбият) ва таъмини саривақтии хизматрасониҳои тиббӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ таҳия мегардад. Роҳнамои махсус низ таҳия ва паҳн мегардад |
| | Таҳкими хизматрасониҳо ва | Дар соли 2017 арзёбии дастрасии инфрасохтори воқеӣ (ҷисмонӣ) барои хизматрасониҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ гузаронида мешавад |

| | | |
|---|---|---|
| | фарогирии пурра ба хизматрасониҳо | Нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди стратегии иқтидори инфрасохтори мавҷуда ва хизматрасониҳо (аз ҷумла, оид ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир) вобаста ба маъюбӣ то соли 2017 таҳия ва мутобиқи мӯҳлати муқарраркарда татбиқ мешаванд |
| | | То соли 2018 Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи акредитатсияи муассисаҳои хизматрасониҳоро барои шахсони дорои маъюбият ба роҳ мемонад |
| | Баланд бардоштани иқтидори мутахассисони касбӣ ва кормандони ёрирасон | То соли 2018 касбҳои вобаста ба хизматрасониҳои тавонбахшии одамони маъюб вобаста ба рӯйхати таснифоти миллии касбҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мегарданд |
| | | То соли 2018 барномаҳои таълимии мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ таҷдид карда шуда, ҷанбаҳои ба маъюбӣ вобаста ба онҳо ворид мегарданд |
| | | То соли 2019 шумораи мутахассисони баландихтисос барои таъмини хизматрасониҳои босифат дар самтҳои гуногуни соҳаи тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ барои шахсони дорои маъюбият зиёд мегардад |
| | | Аз соли 2017 ҳар сол 50 нафар кормандони соҳаи тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аз курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ-иттилоотӣ оид ба масъалаҳои маъюбӣ мегузаранд |
| Тавонбахшӣ ва пешгирии маъюбӣ | Такмили муайянкунии маъюбӣ | Таҳия, татбиқ ва беҳгардонии стандартҳои нави синну сол барои муайяннамоии саривақтии вайроншавии ҳаракат ва маъюбӣ (солҳои 2017-2018 - дар минтақаи озмоишӣ; соли 2019- дар ҳамаи минтакаҳо) ҷорӣ мешавад |
| | | Меъёрҳои нав барои муайянкунии саривақтии вайроншавиҳои харакат ва маъюбият ба низоми амалкунандаи бақайдгирии маъюбон (солҳои 2017-2018 - дар минтақаи озмоишӣ; 2019 - дар ҳамаи минтакаҳои дигар) ворид мегардад |
| | | Бақайдгириии пурраи шахсони дороии маъюбият дар саросари кишвар, махсусан дар минтақаҳои деҳот |
| | | То соли 2020 низоми якҷояи муайяннамоӣ ва таснифоти маъюбӣ аз рӯи гурӯҳбандии байналмилалии ҳаракату фаъолиятнокӣ таҳия ва дар амал татбиқ мешавад |
| | Беҳтар кардани усулҳои ҷамъоварии | То соли 2018 воситаю механизмҳои ҷамъоварии маълумот дар бораи маъюбон дар асоси тавсияҳои байналмилалӣ таҳия мегарданд |

| | | |
|---|---|---|
| | иттилоот ва назорати маъюбӣ | То соли 2018 масъалаҳои маъюбӣ ба низомоти миллии ҷамъоварии маълумот ворид мегардад |
| | | То соли 2020 масъалаҳои ба маъюбӣ вобаста ба саволномаи барӯйхатгирии аҳолӣ ворид мегардад |
| | | Шумораи корҳои тадқиқотӣ дар соҳаҳои афзалиятноки ба маъюбӣ вобаста ҳамасола афзоиш меёбад |
| | Рушди фарогири соҳаи тандурустӣ | Дар соли 2017 маъюбият ба як ҷузъи Стратегияи миллии солимии аҳолӣ ва фарогирии пурра ба хизматрасониҳои умумии тандурустӣ шомил мегардад |
| | | То соли 2018 шумора ва таносуби шахсони дорои маъюбият, ки ба хизматрасониҳои тавонбахшӣ роҳхат гирифтаанд, ҳамасола ҳадди ақал 5 фоиз зиёд мешаванд |
| | | То соли 2018 шумораи хизматрасониҳои фарогирӣ (аутрич) аз ҷониби машваратгоҳҳои психологӣ-тиббӣ ва педагогӣ ва марказҳои тавонбахшӣ, ҳамасола ҳадди ақал 5 фоиз зиёд мешавад |
| Таъмини иҷтимоии маъюбон | Таҳким ва фарогирии пурра ба хизматрасониҳо | То соли 2018 шумораи барномаҳои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат дар 20 ноҳия пас дар ҳар се соли оянда дар 10 ноҳияи дигар меафзояд |
| | | То соли 2018 таснифот ва меъёрҳои пешниҳоди хизматрасониҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои нав ба монанди фаъолияти тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат, «хизматрасонии муваққатӣ» инчунин нигоҳубини васоятӣ таҳия ва тасдиқ мегардад |
| | Дастгирии бехатарии иқтисодӣ ва мустақилияти шахсони дорои маъюбият | Дар соли 2017 чорабиниҳо барои баланд бардоштани сатҳи огоҳии корфармоён дар бораи манфиати ба ҷойҳои корӣ даъват намудани шахсони дорои маъюбият гузаронида мешаванд |
| | | То соли 2018 раванди зиёд намудани ҳиссаи шахсони дорои маъюбият ба таҳсилоти техникӣ ва касбӣ, аз ҷумла ба барномаҳои омӯзиши касбӣ ва таҳсилоти олӣ дастгирӣ карда мешавад |
| | | То соли 2020 нақшаҳо оид ба таъсиси ҷойҳои корӣ барои одамони маъюб тарҳрезӣ ва татбиқ мегардад |

| | | |
|---|---|---|
| Тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ | Таҳким ва фарогирии пурра ба хизматрасониҳо | Ҳар сол маблағгузорӣ барои дастрас намудани воситаҳои техникии ёрирасони тавонбахшӣ дар саросари кишвар пешбинӣ мегардад. |
| | | То соли 2018 навъҳои воситаҳои техникии ёрирасони тавонбахшӣ барои қонеъ намудани ниёзҳои шахсони бемориҳои ҳиссӣ дошта (ихтилоли узвҳои ҳис) зиёд шуда ба онҳо дастрас мегардад |
| | | Соли 2017 консепсияи хизматрасонии «Равзанаи ягона оид ба воситаҳои техникии ёрирасон» тарҳрезӣ шуда, то соли 2018 озмуда мешавад ва аз соли 2019 пурра ба фаъолият медарояд |
| | Рушди фарогирии соҳаи тандурустӣ | Соли 2017 хизматрасониҳои тавонбахшӣ бо хизматрасониҳои тиббию санитарӣ, ки дар муассисаҳои тиббии статсионарӣ ва дармонгоҳӣ онҳоро пешниҳод мекунанд, ҳамгиро мегарданд |
| | Таҳкими иқтидори мутахассисони касбӣ ва кормандони ёрирасон | Шумораи мутахассисони тавонбахшӣ дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот, инчунин, шумораи мутахассисони тавонбахшии дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои хизматрасониҳо ба шахсони дорои маъюбият дар саросари ҷумҳурӣ зиёд карда мешавад |
| | | То соли 2018 низоми талаботи тахассуси касбӣ барои кормандоне, ки дар таъмини хизматрасониҳо барои шахсони дорои маъюбият иштирок мекунанд, таҳия ва ба таври расмӣ тасдиқ мегардад |
| | | То соли 2020, 250 нафар кормандони ба хизматрасонии шахсони дорои маъюбият дар оила, ҷомеа ва дигар муассисахое, ки бо шахсони дорои маъюбият сару кор доранд, ба омӯзишҳои касбӣ ҷалб мегарданд |
| Ҳамгироии масъалаҳои ба маъюбият вобаста | Беҳгардонии дастрасӣ ба муассисаҳо ва хизматрасониҳо | Соли 2018 «Дастур оид ба дастрасӣ» ва «Тадбирҳо ва роҳнамо оид ба мутобиқшавии оқилона» таҳия ва паҳн карда, омӯзишҳо оид ба дастрасӣ дар саросари кишвар ба роҳ монда мешаванд |
| | | То соли 2018 меъёрҳои дастрасӣ дар иншоотҳои нави инфрасохтор татбиқ мегарданд |
| | | То соли 2018 Барномаи давлатии «Муҳити дастрас» таҳия мегардад |
| | Таҳкими дастгирӣ дар сатҳи инфиродӣ ва | То соли 2018 шахсони дорои маъюбият ба чорабиниҳои варзишӣ, ки ҳамасола дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ ва миллӣ ташкил карда мешаванд, фаро гирифта мешаванд |

| | | |
|---|---|---|
| | ҷомеа ба воситаи фарогирӣ ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ | Ибтидо аз соли 2017 ҳар сол озмунҳои адабӣ, намоишгоҳҳои рассомӣ, фестивалҳои филмҳо барои шахсони дорои маъюбият гузаронида мешаванд |
| | Тағйир додани муносибати ҷомеа | Соли 2017 (3) Омӯзиши иттилоотӣ оид ба маъюбият ба низоми умумии таҳсилот ҳамгиро мешавад |
| | | Соли 2017 масъалаҳои вобаста ба маъюбият ва шахсони дорои маъюбият дар ВАО ба табъ мерасанд |
| | | Соли 2017 гузариш ба истилоҳоте, ки муносибати меҳрубононаро нисбат ба шахсони дорои маъюбият дар ҷомеа ва ВАО ифода кунад |

# 8. НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ТАТБИҚИ БАРНОМАИ МИЛЛӢ

| № | Тадбирҳо | Мақомоти масъул | Муҳлат | Манбаъҳои молиявӣ |
|---|---|---|---|---|
| *1. Тадбирҳои муштарак ва чорабиниҳои байнисоҳавӣ: Тадбирҳои ба таъмини ҳамкориҳои доимии байнисоҳавӣ равонашуда ва амалҳое, ки фаъолиятҳои ҳамоҳангшударо барои татбиқи вазифаҳои муайян талаб мекунанд* | | | | |
| 1.1. | Мусоидат намудан ба таъйини шахси барои тамос масъул - ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои маъюбӣ, дар ҳар як мақомоти дахлдори давлатӣ, аз ҷумла вазоратхои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, нақлиёт ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа Ҳар як ҳамоҳангсоз бояд ба ягон вазифаи мушаххас вобаста ва аз тарафи роҳбарият тасдиқ карда шавад; вазифаҳои мушаххаси ҳамоҳангсоз дар Тавсифот вазифаҳои расмӣ дохил карда мешавад | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, МД-6, МД-5 | 2017 (1)-2017 (1) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва аз ҳисоби ШР |
| 1.2. | Таъсис додани Кумитаи ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва нигоҳ доштани мақоми ҳамоҳангсозии он дар тамоми давраи татбиқи Барномаи миллӣ Вохӯриҳои мунтазами корӣ дар ҳар як семоҳа ва вохӯриҳои ғайринавбатӣ дар ҳолатҳои зарурӣ гузаронида мешаванд | МД-1<br><br>ВТҲИА-1, ВТҲИА-7, МД, ШР, ТҒГ | 2017 (1)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва аз ҳисоби ШР |
| 1.3. | Таҳияи воситаҳои мониторинг ва арзёбии ҳамчун як қисми татбиқи Барнома. Гузаронидани омӯзиш (дар ибтидо ва дар ҳолатҳои зарурии минбаъда) барои сохторҳо ё кормандон оид ба истифодаи онҳо (мониторинг ва арзёбӣ) ва тартиби таҳияи ҳисобот дар ҳолатҳои зарурӣ | ВТҲИА-1, МД-5, МД-17, ГД-1, МД-4 | 2017 (1)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| *Беҳтар намудани заминаи қонунгузорӣ ва меъёрию ҳуқуқии амалкунанда вобаста ба масъалаҳои маъюбӣ* | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.4. | Ташкили гурӯҳи корӣ оид ба масъалаҳои заминаи ҳуқуқӣ ва дастгирии фаъолияти он то мӯҳлати зарурӣ барои татбиқи мақсаду вазифа ва чорабиниҳои банақшагирифта.<br>Ҳангоми ташкили гурӯҳи корӣ доираи вазифаҳои мушаххас низ таҳия мешаванд, ки он мақсаду вазифаҳои гурӯҳи кориро муайян менамояд<br>Вохӯриҳои мунтазами корӣ дар ҳар як семоҳа ва вохӯриҳои ғайринавбатӣ дар ҳолатҳои зарурӣ гузаронида мешаванд | ВТҲИА-1, МД-9, ШР, ТҶГ | 2017 (1)-2020 (4) | ШР ва ТҶГ |
| 1.5. | Таҳлил намудани заминаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (аз он ҷумла фармонҳои дохилии идоравӣ ва байни идоравӣ) дар доираи талаботи шахсони дорои маъюбият ба ҳизматрасании тиббӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, ва таҳия намудани тавсияҳо оид ба чӣ тавр беҳтар намудани онҳо (тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо) дар назар дошта шудааст.<br>Таҳлили мазкур бо дарназардошти талаботи конвенсияҳои дахлдори байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар соҳаи тандурустӣ, тавонбахшӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии мушкилоти одамони маъюб, ки бо далелҳо асос ёфтаанд, гузаронида мешавад. Тавсияҳо бояд усулҳои мушаххаси ҳамоҳангсозӣ, қабули қарорҳо, санҷишу арзёбӣ, ҳисоботдиҳӣ, идоракунӣ ва назорати манбаъҳоро дар бар гиранд.<br>Ин фаъолият таҷдиди Қонун «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии одамони маъюб», таҳияи Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи босамари он, тартиб додани тавсияҳои мушаххас ва воридсозии тағйироту иловаҳоро дар бар мегирад.<br>Таъмини мувофиқатии мазмун бо муносибати ҳуқуқӣ ва санадҳои қонунгузории мувофиқ, аз ҷумла, фарогирии тамоми соҳаҳои дахлдор ва нишон додани механизмҳои ҳамоҳангсозӣ, қабули қарорҳо, мониторинг ва ҳисоботдиҳии мунтазам, идоракунӣ ва назорати захираҳои мавҷуда мақсади дигари фаъолияти мазкур аст | ГД-2 | 2017 (1)-2018 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 1.6. | Таҳлили мазмуни заминаи қонунгузории дахлдор ва қоидаҳо аз нуқтаи назари дурустии истилоҳоти ба маъюбӣ вобаста (ба монанди «одами маъюб (корношоям)» дар муқоиса бо «одами имконияташ маҳдуд»), муайян намудани номутобиқатии (масалан, истифодаи таърифҳои гуногун оид ба як истилоҳот) ва тартиб додани тавсияҳо барои тағйир додани истилоҳоти мазкур дар доираи равандҳои муосир оид ба истифодаи шартҳои ғайритаҳқиромез ва дӯстона нисбати шахсони маъюб, воридсозии тағйироти зарурӣ барои бартараф намудани ихтилофот ( аз ҷумла дар бораи таърифҳо) | ГД-2, ГД-1 | 2017 (1)-2017 (2) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.7. | «Вожаномаи истилоҳот ва таърифҳои нисбати одамони маъюб дӯстона» дар ду намуна: яке барои мутахассисон ва дигар - бо истифодаи забони оддӣ барои кулли ҷомеа ва ВАО таҳия мешавад. Он дар ду шакл: якум, нусхаи чопӣ, барои паҳн намудан дар байни тарафҳои манфиатдор дар саросари кишвар; ва дигар дар шакли электронӣ, бо мақсади чоп ва истифода аз сомонаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳия карда мешавад. Вожанома пас аз ду сол агар зарур бошад, таҷдид карда мешавад, то ин ки ҳамқадами раванди ислоҳот бошад, дар акси ҳол таҷдиди он дар соли 2019 амалӣ хоҳад шуд | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ГД-2, ГД-1, МД-16, ШР, МД-4 | 2017 (3) 2018 (4); 2019 (4) | Дар доираи маблағҳон пешбинишуда ва ШР |
| 1.8. | Ҳамгироии самтҳои марбут ба маъюбӣ ба меъёрҳои давлатӣ оид ба тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ; фарогирии умумӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ; Маҷмӯи хизматрасониҳои кафолатнок; маблағгузорӣ; омода намудан ва омӯзиши кормандон; иҷозатномадиҳӣ; ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои кормандони дахлдор; кафолати сифат ва бехатарии хизматрасониҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла бо воситаҳои ёрирасони техникӣ | ВТҲИА-1, ГД-1 | Соли 2017 (1)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 1.9. | Таҳияи усулҳои санҷиш (мониторинг) ва таҳкими татбиқи заминаи қонунгузорӣ ва меъёрҳои хизматрасониҳои пешниҳодшаванда | ГД-2, ГД-1, ВТҲИА-1, МД-9 | 2017 (1)-2018 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 1.10. | Таҷдиду таҳкими заминаи қонунгузорӣ ва усулҳои маблағгузории мавҷудаи соҳаи тандурустӣ, тавонбахшӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии мушкилоти одамони маъюб, инчунин таҳия кардани тавсияҳо оид ба такмили механизмҳои маблағгузории мавҷуда | ГД-2, ВТҲИА-1, | 2017(4)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои |
| 1.11 | Таҳияи қоидаҳои махсус ва механизмҳо барои системаҳои равонасозӣ ва муроҷиати самаранок бо мақсади мусоидат намудан ба раванди ошкорнамоии барвақтии вайроншавии ҳаракат ва маъюбӣ, инчунин таъмини саривақтии хизматрасонии тиббӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ. Таҳияи механизмҳо барои пешниҳод ва коркарди шикоятҳои аз тарафи одамони маъюб омада. Омода ва паҳн намудани дастури амиқ, ки ба дастгирӣ ва татбиқи ҳамаҷонибаи шикоятҳо мусоидат намояд. Таҷдиди механизмҳои пешниҳоди шикоятҳо дар ҳолатҳои зарурӣ бо мақсади инъикос намудани тағйироти воридшуда (агар чун як қисми раванди ислоҳоти хадамоти дахлдор татбиқ шуда бошад) | ВТҲИА-3. ВТҲИА-2, ВТҲИА-1 | 2017 (2) 2018 (3) 2017 (3)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.12. | Таҳияи тавсияҳо оид ба беҳтар намудани муқаррароти мавҷуда дар бораи кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ва нафақаи маъюбӣ, бо мақсади таъмини дастгирии муносиби одамони маъюб ва оилаи онҳо | ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, МД-14, ГД-2, ГД-1, МД-4 | 2017 (4) | Дар доираи имкониятҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа |
| 1.13. | Таҳияи дастур ва низомнома оид ба ҷуброни молиявӣ барои пӯшонидани хароҷоти нақлиёт, ки ҳангоми ба даст овардани хизматрасонии тиббии махсусгардонидашуда, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии дар маҳалли зисти одамони маъюб мавҷуд набуда сарф шудааст (Низомнома бояд хароҷоти воқеии сафарро инъикос намуда, тадбирҳои амиқ ва самаранокро барои воридсозии тағйироти солона дар бар гирад) | ВТҲИА-1, МД-7, МД-4, МД-13, | 2017 (3)-2017 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 1.14. | Арзёбии имконият ва таҳияи тавсияҳо оид ба таъсиси заминаи мустаҳкам барои роҳ надодан ба ҷойгирнамоии одамони маъюб дар муассисаҳои намуди пӯшида ва таъмини дастгирии кофии самаранок ба кӯдаконн маъюб ва оилаҳои онҳо, мусоидат намудан ба ғамхории имконпазир, ба монанди нигоҳубини одамони маъюб дар хона, нигоҳубини рӯзона, барномаҳои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат, таҳсилоту тайёрии касбӣ ва дигар хизматрасониҳо ба одамони маъюб дар маҳалли зист | ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, МД-12,<br><br>РТҲИА, ГД-2, ГД-1, МД- 4 | 2017 (2)-2017 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 1.15. | Тарҳрезии ннзомномаву дастури амиқ ва ҳамаҷониба бо мақсади фардикунонии хизматрасонӣ тавассути тақвияти истифодаи накшаҳои инфиродии тавонбахшӣ (НИТ), нақши падару модарон (оила), дар таҳия ва татбиқ, мониторинг ва арзёбии онҳо таъмин карда мешавад.<br>Низомнома ва роҳнамо бояд воситаҳои аниқро барои амалӣ намудани нақшаҳои инфиродии тавонбахшӣ (НИТ), мониторинг ва арзёбии НИТ бо нишон додани мӯҳлат, инчунин рушди иқтидори мутахассисони мувофиқро дар тарҳрезӣ, татбиқ, мониторинг, арзёбӣ ва таҷдиди НИТ дар бар гирад | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ГД-2, ГД-1, | 2017 (4)-2018 (3) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 1.16. | Таҳияи Қоидаҳои нави тақсимоти воситаҳои ёрирасони техникӣ дар асоси далелҳо оид ба таъмини воситаҳои ёрирасон барои шахсони маъюбияти гуногундошта, аз ҷумла харакатӣ, ҳиссӣ, нутқ, рӯҳӣ, ва ақлӣ. Мунтазам таҷдиду тақвият додани Қоидаҳо бо мақсади инъикоси вазъи тағйирёфта дар ҷумҳурӣ ва имкониятҳои иловагии молиявӣ | ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, ВТҲИА-3, МТВ-13, МД-4, ГД-1 | 2017 (2)-2017 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| *Муайяннамоии барвақтии маъюбӣ* | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.17. | Ҷорӣ намудани стандартҳои нави таҳияшуда барои бармаҳал муайяннамоии вайроншавиҳои ҳаракат ва маъюбӣ ва ҳамгироии онҳо дар низоми амалкунандаи бақайдгирии маъюбӣ (Хадамоти давлатии ташхиси тиббӣ-иҷтимоӣ, системаи кӯмаки аввалияи тиббӣ ва санитарӣ). Стандартҳои мазкур аз рӯи зарурат мунтазам такмил дода мешаванд | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, МД-17 | 2017 (1) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 1.18. | Гузаронидани омӯзишҳои минбаъда аз рӯи стандартҳои муайяннамоии бармаҳали вайроншавиҳои ҳаракат ва маъюбӣ дар саросари ҷумҳурӣ | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, ШР, МД-4 | 2017 (4)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| *Такмили усулҳои ҷамъоварии маълумот ва назорати маъюбӣ* | | | | |
| 1.19. | Таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба васеъ намудани малакаҳои имкониятҳо ҷиҳати гузаронидани тадқиқот оид ба масъалаҳои маъюбӣ | ГД-1, ВТҲИА-1, МТ, ВТҲИА-9, МД-4 | 2017 (3)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| 1.20. | Мусоидат ва дастгирии тадкиқоти сифатӣ ва ҳам миқдорӣ оид ба масъалаҳои афзалиятноки ба маъюбӣ вобаста, бо мақсади ҳамгироии далелҳои илмӣ барои қабули қарорҳои асоснок дар соҳаҳои дахлдор, аз ҷумла ҷорӣ намудани меъёрҳо, таҷриба ва тарзи амали нав. Мавзӯъҳои тадқиқот аз инҳо иборатанд:<br>- сабабҳои маъюбӣ («10 сабабҳои асосии маъюбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»)<br>- арзёбии эпидемиологӣ;<br>- истифодаи воситаҳои ёрирасони техникӣ ва таъсири онҳо;<br>- самараноки иқтисодии хизматрасониҳои мушаххас;<br>- муносибату меъёрҳои фарҳангии ҷамъият ба маъюбият | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, ГД-1, МТ, ВТҲИА-9, ГД-3, МД-4 | 2017 (4) - 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР, МТ ва ГД-3 |
| *Таҳкимбахшии хизматрасониҳои мавҷуда ва фарогирии пурра бо хизматрасониҳо* | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.21. | Таҳия ва амалӣ намудани Нақшаи амалиёт оид ба рушди иқтидори стратегии инфрасохтори мавҷуда ва хизматрасониҳои ба маъюбӣ вобаста бо мақсади такмилдиҳии тадриҷани сохтори мавҷуда, ки ба одамони маъюб хизматрасониро вобаста ба саломатӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ мерасонанд. Тадбирҳо бояд фаъолиятҳои зеринро дар бар гиранд:<br>- таъмири иншооти мавҷуда;<br>- сохтмони иншооти нав барои қонеъ кардани талаботи афзоянда ба хизматрасониҳои мушаххас;<br>- таҷдиду таъмин намудан бо таҷҳизоти ташхисӣ, тиббӣ ва тавонбахшии муосир;<br>- баланд бардоштани тахассуси кормандони фаъолияткунанда;<br>- баланд бардоштани сатҳи тайёрии касбӣ оид ба фанҳои дахлдор;<br>- васеъ намудани номгӯй ва мавҷудияти воситаҳои ёрирасони техникӣ ва тарғиби истифодабарии онҳо;<br>- воридсозӣ ва мусоидат намудан ба истифодаи амалияи пешқадам дар асоси далелҳо;<br>- таҷдиди пайнавиштҳои табобату ташхиси мавҷуда ва таҳияи пайнавиштҳои нави ташхис ва табобати бемориҳое (шадид ва музмин), ки метавонанд боиси рушди маъюбият гарданд;<br>- ба нақша бояд воситаҳои мониторинг ва арзёбӣ бо мақсади мушоҳидабарӣ ва назорати раванди татбиқ ворид карда шаванд ва ҳангоми зарурат камбудиҳои муайяншуда сари вақт ислоҳ карда шаванд.<br>Вохӯриҳои корӣ дар ҳар семоҳа як маротиба ва баъдтар дар ҳолатҳои зарурӣ гузаронида мешавад | ВТҲИА-3. ВТҲИА-2, ВТҲИА-5, МД-4, Бо ҷалби ГД-1 ва ШР, аз рӯи зарурат | 2017 (2) - 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР соҳибкорони маҳаллӣ |
| 1.22. | Таҳияи механизми бақайдгирии акредитатсияи таҳвилгарони хизматрасонӣ дар соҳаи тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ барои одамони маъюб, ҳамаи таҳвилгарони хизматрасонӣ бояд аз тарафи ВТҲИА барои имконияти пешниҳоди хизматрасонӣ ба қайд гирифта шаванд | ВТҲИА-6, ВТҲИА-3, МД-4 | 2018 (1) 2019 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| *Беҳтар намудани дастрасӣ ба муассисаву хизматрасониҳо* | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.23. | Арзёбни имконияти ташкили хизматрасонии «Таксии иҷтимоӣ»-и бепул ё бо арзиши арзон, ки бо мақсади беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ кор мекунанд.<br>Ташкил ва оғоз намудани хизматрасонии «Таксии иҷтимоӣ» барои беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ (агар чунин имконият дида баромада шавад) | ВТҲИА-2.<br>МД-7,<br>МД-4.ГД-1 | 2017 (1)<br>2017 (4)<br><br>2018 (1)<br>2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ШР ва МД Соҳибкорони маҳаллӣ |
| *Таҳкими иқтидори мутахассисони касбӣ ва кормандони ёрирасони маҳаллӣ* | | | | |
| 1.24. | Таҷдид намудани Таснифоти миллии касбҳо дар Тоҷикистон бо мақсади воридсозии касбҳое, ки дар хизматрасониҳои тавонбахшии зарурӣ барои одамони маъюб иштирок менамоянд, аз ҷумла:<br>- протезист ва ортопед;<br>- мутахассис оид ба тибби ҷисмонӣ;<br>- ёвари духтури терапевт оид ба масъалаҳои тавонбахшии саломатӣ;<br>- мутахассиси соҳаи нутқ;<br>- тарҷумонҳои забони имову ишора;<br>- ёвари шахсӣ (расмӣ ва ғайрирасмӣ - аъзоёни оила ё дӯстон) | ВТҲИА-1,<br>МД-6, МД-9 | 2017 (4) -<br>2018 (1) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 1.25. | Тайёр намудани насли нави мутахассисони баландихтисос бо мақсади қонеъ намудани талаботи одамони маъюб дар соҳаҳои гуногуни марбут ба тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ба воситаи такмили таҳсилоти касбӣ ва ташкили курсҳои омӯзишии доимоамалкунандаи такмили ихтисос дар ҳамаи сатҳҳо.<br>Раванди мазкур қадамҳои зеринро дар бар мегирад:<br>- тайёр намудани шумораи кифояи мутахассисони баландихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва олии нопурра, ки барномаҳои тайёрии касбии дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшударо пешниҳод мекунанд;<br>- ҷалб намудани онҳо пас аз баргаштан (ё баъзеи онҳо аз рӯи мувофиқат) дар таълими мутахассисони маҳаллӣ | ВТҲИА-1,<br>МД-3,<br>МТ- 4 - 8,<br>МД-5, МД-4 | 2017 (3) -<br>2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.26. | Арзёбии мазмуни барномаҳои таълимӣ дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти касбии дахлдор ва ҳамгиро намудани самтҳои мувофиқи муосири ба маъюбӣ вобаста дар барномаи мавҷудаи таҳсилоти касбӣ дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, коллеҷҳои тиббӣ, кафедраи кори иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таълимии тайёр намудани муаллимон (ҳамаи сатҳҳои таҳсилоти касбӣ: таҳсилоти касбӣ, таҳсилоти бакалавриат, таҳсилоти олӣ, таҳсилоти баъдидипломӣ) | Мақоми ваколатдор/ мушовир (он), дар ҳамоҳанг-созӣ бо ВТҲИА-1, МД-3, МТ | 2017 (3) - 2018 (4) | ШР |
| 1.27. | Дар як соли тақвимӣ омӯзиши 50 нафар таъминкунандагони хизматрасонӣ (сатҳи идоракунӣ) дар соҳаи тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар мавзӯи «Иттилоотнокӣ оид ба маъюбият» | ВТҲИА-1, МТ-2, МД-4 | 2017 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 1.28. | Таҳияи системаи ҳавасманднамоии ғайримолиявӣ бо мақсади халли масъалаи нигоҳдории мутахассисони ихтисоснок. Рушду такмили малакаҳои касбӣ, банақшагирии корҳои илмӣ, ташкили шабакаю ассотсиатсияҳои касбии духтурони тибби ҷисмонӣ, мутахассиси соҳаи ҳаракат, эрготерапевтҳо, устоҳои созандаи воситаҳои ёрирасон, ортопедҳои Тоҷикистон ва ғайраҳо | ВТҲИА-1. МД-4 | 2017 (2) - 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 1.29. | Гузаронидани омӯзишҳои иттилоотӣ дар ҷойи кор дар мавзӯи «Иттилоотонӣ оид ба маъюбият» барои ҳамаи пешниҳодкунандагони хизматрасониҳои мувофиқ дар вазоратҳои гуногун | ВТҲИА-1, МТ-6-8, ТҶГ-8, МТ-2, МД-4 | 2017 (4) - 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| 1.30. | Инкишофи алоқаҳо байни муассисаҳои таҳсилотӣ ва пешниҳодкунандагони хизматрасониҳо барои таҳияи барномахои махсуси амалӣ, такмили ихтисос (таҷрибаомӯзӣ) ва лоиҳаҳо дар доираи барномаи таълимии тайёрии касбӣ ва фаъолиятҳои берун аз дарсӣ, ки аз тарафи муассисаҳои таҳсилотӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти тиббӣ ва педагогӣ, барномаҳои тайёр намудани кормандони иҷтимоиву психологҳо ва воридсозии онҳо ба барномаи таълимӣ барои донишҷӯён бо мақсади истифодаи донишҳои назариявӣ дар амал ва омӯхтани таҷрибаи кор бо одамони маъюб | ВТҲИА-1, МД-3, МТ, ТҶГ, | 2017 (1) - 2018 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.31. | Рушди ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки барномаҳои эътимоднок ва устувори омӯзишӣ барои тайёр намудани мутахассисон оид ба масъалаҳои тавонбахшӣ доранд (масалан, физиотерапевт, эрготерапевт, мутахассис оид ба нутқ, мутахассисони дахолати барвақтӣ ва ғайра). Мақсад аз чунин алоқаҳо дастрас намудани кӯмаки техникӣ, барои тақвият додани дастгирии техникии барномаҳои таҳсилоти касбӣ, хизматрасониҳои мувофиқ, барқарор намудани шарикии дарозмуддат ва усулҳои роҳнамоӣ (ёрии менторӣ) аст | ВТҲИА-3, ГД-1. МД-3. МТ, МТ, МИ, ГД-3, МД-4, | 2017 (1) - 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| 1.32. | Таъсис ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо таҷрибаи амалӣ ва самараноки тавонбахшӣ, аз ҷумла бо марказҳои буду боши рӯзона, барномаҳои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат ва дахолати барвақт, барои табодули таҷриба ва баҳрабарӣ аз шарикии дутарафа, аз ҷумла дастгирии доимии техникӣ ба воситаи устодӣ ва роҳнамоӣ, ҳам дар сатҳи маҳал ва ҳам фосилавӣ | ВТҲИА-1, ВТҲИА-7, ТҶГ-7, МТ, МИ, ГД-3, РТҲИА бо дастгирии ГД-1, МД-4 | 2017 (1) - 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ШР ва МД ва соҳибкорон |
| 1.33. | Ҷорӣ ва мусоидат намудан ба рушди муттасили касбӣ, тавассути форумҳои фаъол, нашриёҳо, иштирок дар конференсияҳо ва семинарҳо, имкониятҳои мубодилаи касбӣ ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ва ҳам байналмилалӣ. Ба фаъолияти мазкур бояд ҳам мутахассисон ва ҳам донишҷӯён ҷалб карда шаванд | ВТҲИА-1, МД-3, МД-7, МТ, ТҶГ-7, ТҶГ-8, ШР, МД-4 | 2017 (3) - 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ШР ва МД |
| *2. Тадбирҳое, ки бояд дар доираи ҳар яке аз самтҳои стратегии муайянкарда татбиқ карда шаванд:* | | | | |
| 2.1 Тандурустӣ | | | | |
| 2.1.1. | Ташкил намудани гурӯҳи корӣ оид ба тандурустӣ (ГКТ) ва дастгирӣ намудани фаъолияти он то татбиқ шудани мақсаду вазифаҳои Барномаи миллӣ. Ҳангоми таъсис намудани он, доираи вазифаҳои ГКТ муайян менамояд, таҳия мешаванд. Вохӯриҳои мунтазами корӣ ба таври доимӣ ҳар семоҳа баргузор мешаванд. Ҳангоми зарурат вохӯриҳои иловагӣ низ гузаронида мешаванд. | ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, ШР | 2017 (1) - 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| *Такмили раванди муайяннамоии маъюбият* | | | | |
| 2.1.2. | Омӯхтани таҷриба ва меъёрҳое, ки дар асоси далелҳо барои муайяннамоии барвақти вайроншавиҳои ҳаракат ва маъюбӣ дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудаанд. | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ГД-1, ШР | 2017 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.1.3. | Таҳия намудани меъёрҳои синнусолӣ барои муайяннамоии барвақти вайроншавиҳои ҳаракат ва маъюбӣ | ВТҲИА-3 дар ҳамкорӣ бо ШР/ мутахас-сисони таҷрибадор дар соҳаи маъюбият (агар зарур бошад), МД-4 | 2017 (2) - 2017(3) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР (дар ҳолати зарурӣ таҷрибаи байналмилалӣ ҷалб карда мешавад |
| 2.1.4. | Гузаронидани истифодаи санҷиши меъёрҳои аз нав таҳияшуда | ВТҲИА-3, МД-4 | 2017 (4) - 2018 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинпшуда ва ШР |
| 2.1.5. | Ба анҷом расонидани таҳияи стандартҳои нав пас аз санҷиши таҷрибавӣ. Таҳия ва тасдиқ намудани стратегия барои татбиқи онҳо дар саросари ҷумҳурӣ | ВТҲИА-3 | 2018 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.1.6. | Таҳияи дастур оид ба стандартҳои муайяннамоии барвақти вайроншавиҳои ҳаракат ва маъюбӣ. Гузаронидани омӯзиши ибтидоӣ оид ба истифодаи стандартҳо дар саросари ҷумҳурӣ барои кормандони дахлдор, аз ҷумла кормандони машваратгоҳҳои психологӣ – тиббӣ ва педагогӣ (духтурон, ҳамшираҳои тиббӣ), кормандони тиббӣ ва санитарӣ, кормандони беморхона (аз ҷумла, табибон, ҷарроҳон, духтури кӯдакон, духтури асабшинос, ортопед, духтури гӯш, гулӯ ва бинӣ) | ВТҲИА-3 бо дастгирии ШР дар ҳолати зарурӣ, МД-4 | 2017 (3)- 2017 (4) 2017 (4)- 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| 2.1.7. | Таҳияи низоми ягонаи муайяннамоӣ ва таснифоти маъюбӣ аз рӯи Таснифоти байналмилалии ҳаракат | ВТҲИА-3, ШР, МД-6, МД-4, ТҶГ-1 | 2019 (3) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| *Такмили усулҳои ҷамъоварии маълумот ва назорати маъюбӣ* | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.1.8. | Мусоидат ба воридсозии маъюбӣ дар системаи ягонаи миллии ҷамъоварии маълумот, аз ҷумла Системаи ягонаи иттилоотии тандурустӣ | ВТҲИА-3, МД-17 | 2017 (1)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.1.9. | Таҷдиду беҳтарнамоӣ ва тағйир додани воситаву усулҳои мавҷудаи ҷамъоварии маълумот оид ба маъюбӣ ва нишондиҳандаҳо дар доираи тавсияҳои байналмилалӣ бо мақсади дастрас намудани маълумоти дуруст ва боэътимод оид ба масъалаҳои ба маъюбӣ вобаста | ВТҲИА-3, МД-17, ШР, МД-4 | 2017 (3)-2018 (1) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| 2.1.10. | Таҷдид намудан ва тағйир додани системаи мавҷудаи ҷамъоварии маълумот ба воситаи воридсозии самти гендерӣ ва масъалаҳои ба маъюбият вобаста ба он. Воридсозии дигаргуниҳо ба маълумоти мунтазам ҷамъоваришуда дар ҳолатҳои зарурӣ | ВТҲИА-3, МД-17 дар ҳамкорӣ бо дигар агентиҳо, дар ҳолати зарурӣ | 2017 (4)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.1.11. | Такмил додани малакаю қобилиятҳои корбарии (ба воситаи омӯзишҳо) кормандони дахлдор бо мақсади самаранок воридсозии системаи тайғирдодашудаи иттилоот ва усулу воситаҳои нави ҷамъоварии маълумот | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, МД-17, МД-4 | 2017 (3)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбннишуда ва ШР |
| 2.1.12. | Воридсозии саволҳои ба масъалаҳои маъюбӣ вобаста, ба пурсишномаи барӯйхатгирии навбатии миллии аҳолӣ, аз ҷумла вобаста ба масъалаҳои маъюбӣ | МД-17, ВТҲИА-1 | 2018 (4)-2019 (3) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.1.13. | Ҳамгироии масъалаҳои ба маъюбӣ вобаста дар тадбирҳои ҷории ба тадқиқот, таҳия ва воридсозии усулҳои нав ва технологияҳои пешгирӣ, ташхис ва табобат равонашуда | МТ-1, ВТҲИА-3, МТ-2-8, ГД-1, МД-4 | 2017 (3) 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбннишуда ва ШР |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.1.14. | Воридсозии масъалаҳои ба маъюбӣ вобаста дар хизматрасониҳои Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва беморхонаҳо. Ба он фаъолиятхои зерин дохил мешаванд:<br>- муайяннамоии барвақтӣ<br>- воридсозии хизматрасониҳои тавонбахшӣ дар пайнавиштҳои табобати бемориҳои шадид ва музмини маъмултарин, бо мақсади пешгирӣ ё кам кардани шиддати мувофиқ, ки боиси маъюбӣ (масалан, осеббинӣ, сактаи дил, инсулт) мешаванд.<br>-воридсозии дахолат ба забон, тақвият додани усулҳои алтернативии муошират ба пайнавиштҳои табобати мавҷуда.<br>- воридсозии доираи васеи воситаҳои махсусгардонидашудаи ёрирасон дар пайнавиштҳои табобат | ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, МД-4 | 2017 (3) 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбннишуда |
| *Рушди фарогирии масъалаҳои тандурустӣ* | | | | |
| 2.1.15. | Фарогирии масъалаҳои ба маъюбӣ вобаста дар ҳамаи унсурҳои Стратегияи миллии солимии аҳолӣ ва системаи фарогирии умумии тандурустӣ | ВТҲИА -3, ВТҲИА-1, МД-4 | 2017(4)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.1.16. | Фарогирии шахсони дорои маъюбият ба хизматрасониҳои тандурустӣ, ки барои тамоми аҳолӣ дастрас аст, аз ҷумла пешгирӣ, ташхис, чорабиниҳо дар соҳаи солимии репродуктивӣ. Дар ҳолатҳои зарурӣ махсус қайди шахсони дорои маъюбият дар дастури клиникӣ, пайнавиштҳои ташхис ва табобат бо ҷойгирнамоии асоснок | ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, МД-4 | 2017 (1)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.1.17 | Тадриҷан беҳтар намудани хизматрасониҳо ба воситаи сармоягузорӣ ба инфрасохтор бо мақсади ҳалли масъалаҳои вайроншавӣ, набудани фазои корӣ ва таҷҳизоти муосири тавонбахшӣ ва воситаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои босифати тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, ШР, МД-4 | 2017 (1)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| 2.1.18. | Таъмин намудани таҳия ва паҳн кардани маводи иттилоотӣ дар шакли мувофиқ ва дастрас, ба монанди алифбои Брайл ё формати аудиоӣ барои одамони вайроншавии фаъолияти биноӣ дошта, ба таври хаттӣ ё аёнӣ (графикӣ) барои одамони ноқисии шунавоӣ дошта | ВТҲИА-1, МД-3, ШР, МД-4 | 2017 (4)-2019 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.1.19. | Таъмини давра ба давра маблағгузории кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ бо гузоштани диққати махсус ба масъалаҳои пешгирӣ, муайяннамоии барвақт ва дахолат, инчунин равонасозӣ (муроҷиат) ва идомаи мушоҳидаҳо | ВТҲИА-1, ШР, МД-4 | 2017(1)-2020(4) | Дар доиралы маблағҳои пешбинишуда ва ШР |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.1.20. | Роҳандозии ҳамкории байни машваратгоҳҳои психологӣ- тиббӣ ва педагогӣ ва марказҳои тавонбахшии миллӣ ва шабакаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (яъне, ҳар як Машваратгоҳи психологӣ-тиббӣ ва педагогӣ ва Маркази миллии тавонбахшӣ дар минтақаи ҷуғрофии худ, шабакаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитариро интихоб намуда, фаъолияти тарғиботии худро татбиқ менамояд) | ВТҲИА -3, ВТҲИА-1, МД-4 | 2017 (3)- 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбннишуда |
| 2.1.21. | Ҳамгироии хизматрасониҳои ибтидоӣ, дуюмин ва хизматрасониҳои махсусгардонидашуда, ки ба пешгирии маъюбият нигаронида шуда аз тарафи муассисаҳои тандурустӣ ва амбулаторию статсионарӣ расонида мешаванд | ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, ШР, МД-4 | 2017 (1)- 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.2 Тавонбахшӣ | | | | |
| 2.2.1. | Ташкили идомаи фаъолияти Гурӯҳи корӣ оид ба тавонбахшӣ (ГКТ) ва дастгирӣ намудани фаъолияти он то даме, ки барои татбиқи мақсаду вазифаҳо лозим аст. Ҳангоми ташкили он ба таҳияи шартҳои вазифаҳои мушаххас, ки ба татбиқи мақсаду вазифаҳои тавонбахшӣ мусоидат мекунанд, диққат додан зарурат дорад. Вохӯриҳои корӣ мунтазам дар ҳар се моҳ як маротиба ва дар ҳолатҳои зарурӣ ғайринавбатӣ баргузор мешаванд | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, ВТҲИА-8, ШР, ТҶГ | 2017 (1)- 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.2.2. | Таҷдиди барномаю хизматрасониҳои мавҷуда ва воридсозии тағйироти зарурӣ бо мақсади беҳдошти фарогирӣ, самаранокӣ ва натиҷаҳои интиҳоӣ аз хизматрасониҳои тавонбахшӣ | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, МД-4 | | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.2.3. | Ҳамоҳангнамоӣ бо дигар вазорату ташкилотҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ғайра барои таъмини хизматрасонии тавонбахшии ҳамаҷониба, аз ҷумла хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таҳсилотӣ, шуғл ва васеъnamoии имконияту ҳуқуқҳои мусоидаткунанда | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, МД-3-8, МД-13, МД-15 | 2017 (4)- 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.2.4. | Воридсозии усулҳо ва хизматрасониҳои тавонбахшӣ ба хизматрасониҳои тиббии мавҷуда, ки аз тарафи муассисаҳои статсионарӣ ва хизматрасонии тиббии амбулаторӣ ба беморони гирифтори бемориҳои музмин (ғайрисироятӣ) ва равонӣ расонида мешаванд | ВТҲИА-1, ГД-1, МД-4 | 2017 (1)- 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.2.5. | Васеъ намудани доираи фарогирии хадамоти тавонбахшии саломатӣ ба воситаи бунёди иншооти амбулаторӣ дар марказҳои тавонбахшии миллӣ ва минтақавӣ | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, МД-4 | 2017 (1)- 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.2.6. | Тавсеаю таҳкими хизматрасонӣ ва барномаҳои дахолати барвақтӣ ва ҳамгироии онҳо ба хизматрасониҳои мавҷуда ва нав, аз ҷумла кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, нигоҳубин дар беморхона, барномаҳои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат марказҳои нигоҳубини рӯзона ва машваратгоҳҳои психологӣ-тиббӣ ва педагогӣ | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, ВТҲИА-7, ШР, ТҶГ. МД-4 | 2017(3)- 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ШР ва МД |
| 2.2.7. | Таҳким ва густариши хадамоти тавонбахшии мавҷуда барои қонеъ намудани ниёзҳои мавҷудаи шахсони дорои маъюбият ба тавонбахшӣ тавассути беҳтар кардани хизматрасониҳо, ки аз тарафи марказҳо дар сатҳи ноҳия расонида мешавад, машваратгоҳҳои психологӣ-тиббӣ ва педагогӣ ва тадриҷан ҷорӣ намудани чунин хизматрасониҳо дар 10 ноҳияҳои дигар | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-1. ШР, МД-4 | 2017 (1)- 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои. пешбинишуда ва ШР |
| 2.2.8. | Таҳия, таъсис ва нигоҳ доштани механизмҳои хизматрасониҳо ҳамчун усули роҳнамоӣ ва равонасозии саривақтӣ ба хизматрасониҳои мувофиқи минбаъда ва воридсозии онҳо ба фаъолиятҳои мавҷудаи шабакаҳои кӯмаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ, хизматрасониҳои шӯъбаҳои кӯмаки иҷтимоӣ дар хона, машваратгоҳҳои психологӣ-тиббӣ ва педагогӣ ва шабакаи барномахои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, МД-4 | 2017 (3)- 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| 2.2.9. | Истифодаи барномаҳои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат, ҳамчун стратегияи пурранамоӣ ва таҳкими сохторҳои мавҷудаи хизматрасониҳои тавонбахшӣ, бахусус дар ҷамоатҳое, ки сатҳи хизматрасониҳо нокифоя аст | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, ТҶГ, РТҲИА, МД-4 | 2017 (1)- 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва МД |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.2.10. | Тақвияти фаъолияти машваратгоҳҳои психологиву тиббӣ ва педагогӣ, тадриҷан васеъ намудани вазифаҳо ва масъулияти онҳо барои қонеъ намудани ниёзҳои мавҷудаи шахсони маъюб ва таъмини хизматрасониҳои тавонбахшии саривақтӣ ва самаранок ба онҳо. Тадбирҳои мазкур бояд фаъолиятҳои дар зер овардаро дар бар гиранд:<br>- таҳияи нақшаи чорабиниҳо оид ба стандартизатсияи хизматрасонӣ оид ба ҳаҷми фаъолияти машваратгоҳҳои психологӣ-тиббӣ ва педагогӣ;<br>- таҳкими иқтидори захираҳои инсонӣ мутобиқи амалияи пешқадами ба далелҳо асосёфта;<br>-дар ҳолатҳои зарурӣ истифода намудани муносибати роҳбарии бисёрҷабҳа ва байнисоҳавӣ;<br>- таъминот бо таҷҳизоти зарурии ташхисӣ ва тавонбахшӣ;<br>- баланд бардоштани сатҳи салоҳияти касбӣ ба воситаи такмили дониш оид ба технологияҳои муосир ва усулҳои ташхису тавонбахшӣ, аз ҷумла, воситаҳои техникии ёрирасони иловагӣ ва имконпазир | ВТҲИА-3,<br>ВТҲИА-2,<br>ВТҲИА-1,<br>МД-4 | 2017(2)-<br>2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.2.11. | Таҳия, воридсозӣ ва дар амал татбиқ намудани консепсияи «Воситаҳои ёрирасони техникӣ». Қадамхои аввал бояд фаъолиятҳои зеринро дарбар гирад:<br>- муайян намудани 50 навъи воситаҳои ёрирасони техникии барои саломатӣ муҳим ва мусоидат намудан ба мавҷудият ва имконияти истифодаи онҳо;<br>- азнавташкилдиҳии модели мавҷудаи тақсим намудани воситаҳои ёрирасони техникӣ ба модели «Хизматрасонӣ»;<br>- беҳтар кардани дастрасии аҳолӣ ба воситаҳои ёрирасони техникии сифаташ баланд ба воситаи баланд бардоштани маблағгузории давлатӣ ва ҳамгироии тавсияҳои ТУТ;<br>- азнавташкилкунии таҷрибаҳои мавҷуда оид ба таъмини воситаҳои ёрирасони техникӣ (нигоҳ доштани захираҳо бо мақсади таъминоти саривақтӣ) ва ҷорӣ намудани таҷрибаи инноватсионии аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнок (масалан, ба иҷора додани воситаҳои ёрирасони техникӣ барои саломатӣ, нуқтаҳои таъмир ва хизматрасонӣ, устохонаҳои таъмирӣ);<br>- беҳтар намудани сатҳи иттилоот дар бораи воситаҳои маъмули техникии барои саломатӣ манфиатнок (аз ҷумла онҳоеро, ки қонун кафолат додааст) ва оид ба афзалиятнокии истифодабарии онҳо дар байни тарафҳои гуногуни манфиатдор, бо иловаи мутахассисони мувофиқ, шахсони маъюб, аъзои ҷамоатҳо ва умуман ҷомеаи васеъ;<br>- кормандони ба таъмини воситаҳои ёрирасони техникии барои саломатӣ манфиатнок, таъмини хизматрасонии бехатар ва самаранок ҷалб (масалан, омӯзиши ташкилкардаи ТУТ оид ба истифодаю таъмири аробачаҳои маъюбӣ) бо таваҷҷӯҳ ба самти равонасозӣ, ташхису арзёбӣ, истеҳсол, мутобиқсозии мол, мушоҳидаи минбаъда. Таъмиру хизматрасонии техникӣ ва ғайра;<br>- таъмини иштироки фаъолонаи корхонаҳои протезбарорӣ ва маҳсулоти ортопедӣ истеҳсолкунанда, маркази тавонбахшии Хадамоти давлатии ташхиси тиббӣ-иҷтимоӣ ва кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар хизматрасонӣ ва пешниҳоди иттилоот оид ба воситаҳои ёрирасони техникӣ;<br>- ташкил ва нигоҳдории иншооту хадамот барои таъмири таҷҳизоту воситаҳои ёрирасон;<br>- истифода намудани муносибати инфиродӣ дар истеҳсол ва хизматрасонии аробачаҳои маъюбӣ барои калонсолон ва кӯдакон;<br>- таҳияи низоми мониторинг ва арзёбии эҳтиёҷоти истифодабарандагон, ки зери хавфи пайдоиши захмҳо (аз фишор) қарор доранд;<br>- баланд бардоштани сатҳи дониш ва фаҳмиши ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, таъмнnкунандагон, коршиносони дахлдор (кормандони марказҳои тавонбахшӣ, машваратгоҳҳои психологӣ-тиббӣ ва педагогӣ, табибон), шахсони маъюб ва оилаҳои онҳо дар бораи воситаҳои ёрирасони техникӣ ва бартариҳои истифодаи онҳо | ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, МТ-13. ГД-1, ШР, ТҶГ, РТҲИА, МД-4 | 2017 (2)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ШР ва Соҳибкорон |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.2.12. | Беҳтар намудани харид ва мавҷудияти воситаҳои ёрирасони техникиро тавассути тадбирҳои зерин амалӣ кардан мумкин аст:<br>- васеъ намудани маҷмӯи талаботи сифатнокӣ барои воситаҳои ёрирасони техникии зарурӣ;<br>- васеъ намудани гуногунии моделҳои мавҷуда ва андозаҳои мувофиқи аробачаҳои маъюбӣ, аз ҷумла барои кӯдакон мувофиқ;<br>- баланд бардоштани иштироки соҳибкорони хусусӣ (масалан, дорухонаҳо) барои беҳтар кардани дастрасӣ ба таъмини воситаҳои ёрирасони техникӣ ва хизматрасониҳои мувофиқ;<br>- ташкил ва нигоҳ доштани алокаҳои нав бо таъминкунандагони гуногун | ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, ВТҲИА -3, ВТҲИА-1, МТ-13, ГД-1, ШР | 2017 (1)-2017 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.2.13. | Оғоз намудани истеҳсоли маҳаллии воситаҳои ёрирасони техникӣ:<br>- гузаронидани арзёбии имконияти истеҳсоли воситаҳои ёрирасони техникӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва амалӣ намудани чораҳои мушаххаси зарурӣ барои фаъолияти мазкур | ВТҲИА-2, ВТҲИА-7. РЦ-13. ШР, РТҲИА | 2018 (1) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| | *Рушди соҳаи тандурустии фарогир* | | | |
| 2.2.14. | Ҳамгиро кардани хизматрасонии абилитатсионӣ ва тавонбахшӣ дар ислоҳоти ҷории шабакаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ | ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, ШР, МД-4 | 2017 (1)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.2.15. | Арзёбӣ намудани имконияти истифодаи муносибати байни фаннӣ барои беҳтар намудани дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳо дар ноҳияҳое, ки мутахассисони баландихтисос дар соҳаҳои махсус намерасанд. Таҳияи механизмҳои воридсозии муносибати мазкур ва ҳамгироии он ба хизматрасониҳои тиббӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии мавҷуда. Таҳияи механизмҳои воридсозии чунин муносибат ва ҳамгироии он ба хизматрасониҳои мавҷудаи тиббӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар холатҳои зарурӣ | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, ШР, ТҶГ, МТ-3-8, МД-4 | 2017 (1)-2018 (3)<br>2018 (4)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ШР ва МД |
| | *Таҳкими иқтидори кормадони касбӣ ва кормандони ёрирасони маҳаллӣ* | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.2.16. | Гузаронидани омӯзиш оид ба идоракунӣ ва роҳбарӣ барои роҳбарони марказҳои тавонбахшӣ | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, МТ-2, МД-4 | 2017(1) - 2017 (4) (даври 1); Як маротиба дар ду сол барои корман-дони нав | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.3 Ҳифзи иҷтимоӣ | | | | |
| 2.3.1. | Таъсиси Гурӯҳи корӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии Маъюбӣ, дастгирӣ намудани фаъолияти он то татбиқ шудани мақсаду вазифаҳо. Ҳангоми ташкил намудани он як қатор шарту вазифаҳои мушаххас, ки мақсаду вазифаҳои Гурӯҳи кориро муайян мекунанд, таҳия мешаванд.<br>Вохӯриҳои корӣ мунтазам ҳар семоҳа гузаронида мешавад; Вохӯриҳои иловагӣ - дар ҳолатҳои зарурӣ баргузор мешаванд | ВТҲИА-2, ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, ВТҲИА-7, ШР, ТҶГ | 2017 (1)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| *Тақвияти хизматрасониҳои мавҷуда ва фарогирии умумӣ ба хизматрасониҳо* | | | | |
| 2.3.2. | Идомаи мусоидатнамоӣ ба ғайримарказонии хизматрасонӣ ва чандирии он дар сатҳи вилоятӣ ва ноҳиявӣ, инчунин пурра намудани он бо навъҳои нави хизматрасонӣ, ба монанди тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат, марказҳои нигоҳубини рӯзона ва хизматрасонӣ дар хона | ВТҲИА-2, ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, ВТҲИА-7, РТҲИА-1-4, ТҶГ, МД-4 | 2017 (1)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.3.3. | Давом додани фаъолияти ба деинститутсионализатсия равонашуда (ин раванди табдили муассисаҳо ё иваз намудани баъзе муассисаҳо ба муассисаҳои дигар мебошад);<br>Таҳия намудани нақшаи чорабиниҳо барои деинститутсионализатсия; муайян намудани чораҳои мушаххаси давра ба давра татбиқшаванда, ки ба баҳрабарандагони беморхонаҳо равона шудааст (масалан, кӯдакони маъюб, ятимон ва калонсолони маъюб) ва амалӣ намудани он;<br>Нақшаи мазкур бояд тадбирҳои зеринро дар бар гирад:<br>- арзёбии ҳамаи кӯдакони дорои маъюбият дар беморхонаҳо аз ҷониби дастаҳои бисёрсоҳавии мутахассисони муносиб;<br>- таҳияи Нақшаи инфиродии кӯдак барои ҳар як кӯдаки маъюб арзёбӣ шуда бо мақсаду вазифаҳои мушаххас, мӯҳлатҳои муайяни иҷро ва нишондиҳандаҳои ченшавандаи мониторинг ва арзёбӣ;<br>- ҷалби падару модари кӯдак (васиёни ҳуқуқӣ ё аъзои оилаи васеъ, дар ҳолатҳои зарурӣ) дар раванди қабули қарор ва таҳияи Нақшаи инфиродии кӯдак;<br>- расонидани ёрию дастгирӣ ба наздикон ё аъзои оилаи васеъи кӯдак, ки барои баргардонидани вай ба муҳити хонавода, аз ҷумла омӯзишу кӯмакҳои молиявӣ мусоидат намояд;<br>- таҳияи нақшаи гузариш, ки дар он ба роҳ мондани алоқа байни оила ва навъҳои алтернативии хизматрасонӣ, масалан, нигоҳубин дар хона, муассисаи нигоҳубини рӯзона, барномаи тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат нигоҳубин дар оилаи фостерӣ (нигоҳубини муваққатӣ аз тарафи ягон оилаи дигар), муассисаҳои таълимӣ ва тайёрии касбӣ ё дигар хадамоти хизматрасонӣ барои одамони маъюб, ки аз мавзеи зист ва оилаи онҳо дар масофаи дастрас қарор дорад ва дастгирии то ягон давраи муайян зарур расонида шавад, ки ба гузариши ҳамвор баъд аз тарк кардани муассисаи шакли фаъолияташ пӯшида мусоидат намояд;<br>- таҳия  намудани барномаҳои тайёрии касбӣ ва таълими малакаҳои омӯзишӣ барои калонсолони дорои маъюбият дар мувофиқа бо вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо | ВТҲИА-2,<br>ВТҲИА-3,<br>ВТҲИА-1,<br>МД-3,<br>МД-5,<br>МД-6,<br>РТҲИА-1-6,<br>РТҲИА-12,<br>ШР | 2017 (1)-<br>2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.3.4. | Арзёбии имконияти ташкили муассисаи нигоҳубини алтернативӣ барои кӯдакони маъюби аз парастории волидайн маҳрум, ба монанди «интернатҳо барои ятимон» ва ташкили нигоҳубини фостерӣ, ки ба меъёрҳои дастрасӣ ҷавобгӯянд ва ба таври зарурӣ барои таъмин намудани хизматрасониҳои тавонбахшӣ, бо иловаи таъмини воситаҳои техникии ёрирасони ҳамаҷониба муҷаҳҳаз | ВТҲИА-2, ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, ВТҲИА-7, МД-3, РТҲИА-1-4, ГД-1, ШР, МД-4 | 2017 (1)-2018 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ШР МД |
| 2.3.5. | Таҳия намудани мушаххасот ва стандартҳои пешниҳоди хизматрасониҳо барои шаклҳои нави хизматрасониҳо, ба монанди тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат, ҷойгирнамоӣ ба мӯҳлати муваққатӣ ва нигоҳубини фостерӣ | ВТҲИА-2, ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, ТҶГ, МД-4 | 2018 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.3.6. | Идома додани татбиқи барномаҳои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати вусъат ва таҳкими онҳо:<br>- тавсеаи минбаъдаи барномаҳои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат, ки аз тарафи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ нигоҳубини рӯзонаро таъмин менамоянд, татбиқ карда мешавад;<br>- таҳияи механизми назорати сифат барои дастгирии меъёрҳои баланди кӯмак, ки аз тарафи барномаҳои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат таъмин карда мешавад;<br>- мунтазам зиёд кардани шумораи хизматрасониҳои тиббӣ дар хона, ки аз ҷониби созмонҳои ғайриҳукуматии маҳаллӣ дар саросари кишвар гузаронида мешавад;<br>- - тадриҷан баланд бардоштани дастгирии молиявии давлатӣ барои муассисаҳо ва ташкилотҳои хизматрасонӣ ва барномаҳои пешниҳодшудаи тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат тавассути афзоиши шумораи тендерҳо (мақсад -зиёд намудани шумораи тендерҳо аз 10 то 20 (яктогӣ дар ҳар як ноҳия) дар соли 2016, бо афзудани иловагии 10 тендер дар ҳар ду сол | ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, ШР, МД-4 | 2017 (1)-2018 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.3.7. | Ҳар сол арзёбӣ намудани барномаи тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат, ки дар саросари кишвар амалӣ мешавад, бо мақсади омӯзиш аз сабақҳои андӯхта ва таҳия намудани тавсияҳо бо мақсади такмили минбаъда ва васеъ намудани вазифаҳо ва хизматрасониҳо барои баланд намудани арзиш ва самаранокии онҳо | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, ВТҲИА -1 ва агентии мустақил/ мушовир (он), МД-4 | 2017 (4); 2018 (4); 2019 (4); 2020 (4). | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР, агар лозим ва мавҷуд бошад; |
| 2.3.8. | Баргузории конфронсҳо оид ба тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат дар ҳар ду сол, ки ба таҳкими ҳамкориҳои байни ҷонибҳои манфиатдор бахшида шудаанд. Муҳокима ва омӯзиши таҷрибаҳои беҳтарин дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба роҳ мондашуда, тавсияҳои амалӣ барои рушди онҳо тайёр карда мешаванд | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, ВТҲИА-1, ШР, ТҶГ, МД-4 | 2017 2019 | Дар доираи маблағҳои пешбинишудаШР, МД ва соҳибкорон |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.3.9. | Беҳтар намудани хизматрасонии мавҷудаи тиббии нигоҳубини рӯзона ва тадриҷан васеъ намудани хизматрасонии онҳо бо мақсади қонеъ гардонидани ниёзҳои шахсони дорои маъюбият, ҳам калонсолон ва ҳам кӯдакону оилаҳои онҳо.<br>Тадбирҳо бояд фаъолиятҳои зеринро дар бар гирад:<br>- таҳияи нақшаи чорабиниҳо оид ба стандартизатсия нигоҳубини рӯзона (ҳаҷми он);<br>- таҳияи принсипҳои аниқи роҳнамо (мушаххасот ва стандартҳои расонидани хизматҳо) бо мақсади таъмини адолат ва сифати хизматрасониҳо («чӣ вақте барои чӣ-чӣ тавр» барои интихоби баҳрабарандагон, хизматрасонӣ, кор бо оилаҳо, гузариш, баромадан, истифодаи воситаҳои ёрирасони техникӣ, самтҳо, ҳалли мушкилоти тарки кор намудани мутахассисон ва ғ). Дар ин роҳнамо ҳамчунин, тавсифи умумии кор ва тавсияҳо оид ба муайян намудани сифатҳои шахсии одамони барои касби мазкур зарурӣ оварда шудааст;<br>- пурра намудани хизматрасонии нигоҳубини рӯзона бо хизматрасонӣ ва барномаҳои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат;<br>- таъмини ҳамгироӣ ва амалияи фарогирӣ ба қадри аксари имконпазир;<br>- баланд бардоштани салоҳияти захираҳои инсонӣ дар асоси таҷрибаи беҳтарини бо далелҳо асосёфта;<br>- истифодаи муносибати дастаи бисёрҷабҳа ва байнифаннӣ дар ҳолатҳои зарурӣ;<br>- мусоидат намудан ба истифодаи таҷҳизоти тавонбахшӣ;<br>- имконияти ташкили мавзеи иҷорадиҳии таҷҳизоти тавонбахшӣ ва воситаҳои ёрирасони техникӣ ҳамчун як роҳи бехтар намудани мавҷудият ва дастрасии онҳо. | ВТҲИА-2,<br>ВТҲИА-1,<br>ВТҲИА-2,<br>ТҶГ, ШР,<br>МД-4 | 2017 (3)-<br>2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.3.10. | Беҳтар намудани хизматрасониҳои мавҷуда дар хона, ки аз тарафи шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона расонида шуда, тадриҷан вазифаҳои кормандони иҷтимоиро бо мақсади қонеъ намудани ниёзҳои шахсони дорои маъюбият, ҳам калонсолон ва ҳам кӯдакону оилаҳои онҳоро васеъ намуданд. Ин тадбирҳо бояд фаъолиятҳои зеринро дар бар гиранд:<br>- таҳияи нақшаи чорабиниҳо оид ба стандартизатсия хизматрасонӣ дар хона (ҳаҷми он);<br>- таҳияи принсипҳои роҳнамои амиқ (мушаххасот ва стандартҳои барои расонидани хизматҳо) барои таъмини адолат ва сифати хизматрасониҳо («он чӣ-кай-барои чӣ ин тавр» барои интихоб, хизматрасонӣ, кор бо оилаҳо, истеҳсол, гузариш, истифода аз таҷҳизоти техникӣ, самт, ҳал намудани мушкилоти гардиши кормандон ва ғ). Дар ин роҳнамо ҳамчунин бояд тавсифи умумии тасрифи кор илова карда шавад. Баланд бардоштани иқтидори захираҳои инсонӣ дар асоси амалияи беҳтарини ба далелҳо асосёфта;<br>- таъмин намудани таҷҳизоти зарурии тавонбахшӣ;<br>- васеъ намудани шӯъбаҳои кӯмаки иҷтимоӣ дар хона - бо ноҳияҳои мавҷуда аз 38 то 48;<br>- таҳлили имконияти ташкили ҳисоббаробаркуниҳои кироияи таҷҳизоти тавонбахшӣ ва воситаҳои техникии ёрирасон ҳамчун як қисми хизматрасонӣ | ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, РТҲИА-1-5, ШР, ТҶГ, МД-4 | 2017 (1)-2020 (4)<br>2017 (2)<br>2017 (2) - 2017 (4)<br>2017 (1)-2020 (4)<br>К2020<br>К2019<br>К2018 | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| 2.3.11. | Таҳия ва татбиқи чорабиниҳои гузариш бо мақсади таъмини муттасили ёрӣ дар давоми тамоми ҳаёт (масалан, дар синни 3-солагӣ, ҳангоми оғоз намудани таҳсил дар мактаби ибтидоӣ, гузариш ба мактаби миёна ё мактаби миёнаи пурра ва ғайра) | ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, МД-3, ГД-1, МД-4 | 2017 (4)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| *Дастгирии амнияти иқтисодӣ ва мустақилият* | | | | |
| 2.3.12. | Оғоз намудани маъракаҳои фаҳмондадиҳии мунтазам оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии корфармоён дар бораи манфиати ба кор таъмин намудани одамони маъюб ба воситаи нашри варақаҳо, барномаҳои телевизионӣ ва радио, брошюраҳои иттилоотӣ ва ғайра | ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, ВТҲИА-7, МД-5-6, ТҶГ-1, МД-13, МД-8, МД-4 | 2017 (1) 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.3.13. | Беҳтар намудани дастрасӣ ба таҳсилоти умумӣ ва омӯзиши касбӣ барои одамони маъюб. Пешниҳоди курсҳои омӯзишӣ ва дастур (дар ҷои кор ва таҳсилоти касбӣ) бо мақсади баланд намудани имкониятҳои дастрасӣ ба шуғл ва малакаю маҳорати кор барои одамони маъюб | МД-6, МД-3, ВТҲИА-1, ТҶГ-3, МД-4 | 2018 (2) 2020 (4) | Буҷети миллӣ |
| 2.3.14. | Мунтазам тайёр намудани нақшаи таъсиси ҷойҳои кор барои шахсони дорои маъюбият ба воситаи:<br>- рушди низоми имтиёзнок (ҳифзшуда) дастрасӣ ба ҷойҳои кори махсус, аз қабили оператори телефон, котиб, муаллим ва ғайра;<br>- қабули тадбирҳои баланд бардоштани намояндагии шахсони дорои маъюбият дар байни кормандони бо роҳи бартараф намудани монеаҳо барои ёфтани ҷои кор;<br>- таҳияи механизмҳои муҳофизатнамоӣ ва дастгирии таъминнамоӣ бо ҷои кор | ВТҲИА-1, МД-6, ТҶГ-1, ТҶГ-3, ва бахши хусусӣ, МД-4 | 2019 (3) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| 2.4 Ҳамгироии мушкилоти маъюбият | | | | |
| 2.4.1. | Гурӯҳи корӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии маъюбӣ таъсис дода шуда ва дар мӯҳлати барои татбиқи мақсаду вазифаҳо зарурӣ фаъолият мекунад. Ҳангоми ташкил намудани он як қатор шарту вазифаҳои мушаххас, ки мақсаду вазифаҳои Гурӯҳи кориро муайян мекунанд, таҳия мешаванд. Вохӯриҳои корӣ мунтазам ҳар семоҳа як маротиба гузаронида мешавад; Вохӯриҳои иловагӣ - дар ҳолатҳои зарурӣ баргузор мешаванд | ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, ШР, ТҶГ | 2017 (1)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.4.2. | Ташкили музокирот бо дигар вазорату идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ғайраҳо, бо мақсади пешбурд ва татбиқи барномаҳои ба ниёзҳои шахсони дорои маъюбият нигаронидашуда (масалан, барномаҳои тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат, ба рушди малакаю маҳоратҳои шахсони дорои маъюбият ва хизматрасонии тарҷумаи имою ишора) нигаронида шудааст | ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, РТҲИА дар ҳамкорӣ бо дигар агентиҳо дар ҳолатҳои зарурӣ | 2017 (1) - 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| *Беҳтар намудани дастрасии муассисаҳо ва хизматрасониҳо* | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.4.3. | Таҳия ва паҳн намудани «Дастур оид ба таъмини дастрасӣ» дар саросари ҷумҳурӣ байни тарафҳои гуногуни манфиатдор, аз ҷумла тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, пешниҳодкунандагони хизматҳо, ташкилотҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ, соҳибкорони хурду бузург, муҳандисон-сохтмончиён ва ширкатҳои сохтмонӣ. Дастур дар шакли дастрас барои одамони ноқисии биноӣ ва шунавоӣ дошта таҳия мешавад. Онҳоро, инчунин тавассути сомонаҳои интернетӣ, вебсайтҳои мақомоти давлатӣ ба монанди Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Вазорати нақлиёт. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти маҳаллӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки ба қонеъ гардонидани талаботи шахсони дорои маъюбият машғуланд, низ дастрас намуда метавонанд | ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, ШР, МД-7, МД-10, РТҲИА, ТҶГ-3, МД-4 | То 2018 | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| 2.4.4. | Таҳия намудани «Чораҳо ва роҳнамо оид ба мутобиқшавии оқилона», ки маълумоти амалиро дар бораи чӣ тавр бартараф намудани монеаҳои мавҷуда, ба монанди муҳити ҷисмонӣ, таҷҳизот, хизматрасонӣ ва имконияти расонидани намунаҳои хизматрасонии алтернативӣ, шаклҳои имконпазири муошират барои пешниҳоди хизматрасониҳо ба шахсони дорои вайроншавиҳои гуногуни ҳаракатӣ зарур аст, пешниҳод менамояд. Онро, инчунин дар саросари ҷумҳурӣ байни тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, пешниҳодкунандагони хизматҳо, корпоратсияҳо, соҳибкорон, муҳандисон ва ширкатҳои сохтмонӣ паҳн менамоянд. Ҳамчунин, тариқи сомонаҳои интернетӣ, вебсайтҳои мақомоти давлатӣ ба монанди Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Вазорати нақлиёт, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти маҳаллӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки ба қонеъ гардонидани талаботи шахсони дорои маъюбият машғуланд, низ паҳн менамоянд | ВТҲИА-2, ВТҲИА-3, ВТҲИА-1, МД-10, МД-13, МД-7, ШР, МД-4 | То 2018 | ШР |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.4.5. | Ташкилу гузаронидани омӯзишҳо оид ба дастрасӣ ва чораҳои мутобиқшавии оқилона, ки ба қонеъ намудани ниёзҳои шахсони дорои маъюбият нигаронида шуда, дар он ҷонибҳои гуногуни манфиатдор, аз ҷумла шахсоне, ки қарор қабул менамоянд, мақомоти маҳаллӣ, роҳбарони хадамоти гуногун (ба монанди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф ва таъминкунандагони хизматрасонии ҷамъиятӣ), соҳибкорони маҳаллӣ, ширкатҳои сохтмонӣ дар саросари кишвар иштирок менамоянд. Дастури нав таҳияшуда оид ба таъмини дастрасӣ ва мутобиқшавии оқилона, дар омӯзишҳо муаррифӣ шуда, ба иштирокчиён дар шакли чопӣ ва электронӣ тақсим карда мешавад. Баъд аз даври аввали омӯзишҳо, онро ба таври мунтазам ба хотири мушоҳидаҳои минбаъда ва таҳкими дониши андӯхташуда, инчунин фарогирии ашхоси нав ба вазифаҳо таъйиншуда идома додан мувофиқи мақсад аст | ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, ШР, МД-10, МД-13, РТҲИА, МД-4 | 2018 (1)- 2018 (3) [даври 1ум] | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| 2.4.6. | Гузаронидани ду санҷиш оид ба дастрасӣ: санҷиши дастрасӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки аксаран аз ҷониби шахсони дорои маъюбият, аз ҷумла тафтиши ВТҲИА, шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, беморхонаҳо, марказҳои барқарорсозӣ ва комиссияи психологӣ-тиббӣ ва педагогӣ; ва «Санҷиши (аудитӣ) мавҷудияти дастрасии роҳҳои асосӣ ва пиёдагардҳо» дар доираи як масофаи оқилона (тақрибан 1 км) роҳи пиёдагард дар атрофи муассисаҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ гузаронида мешавад. «Ҳисобот оид ба санҷиши дастрасӣ» бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:<br>- иттилооти дастрасшуда;<br>- тавсияҳои амалӣ барои, беҳгардонии дастрасии ҳар як иншооти санҷидашуда ва атрофи он;<br>- манбаъҳои имконпазири маблағгузорӣ барои татбиқи тавсияҳо;<br>- тарафҳои барои татбиқи тавсияҳо масъул;<br>- механизми мониторинг барои қайд намудани натиҷаҳои татбиқи тавсияҳои санҷиш | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ГД-1, РТҲИА, МД-10, МД-7, ШР, МД-4 | 2017 (1)- 2017 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |
| 2.4.7. | Таъмини риояи меъёрҳои дастрасии инфрасохтори таҷдидшуда, аз ҷумла биноҳо, роҳҳо ва пиёдагардҳо ва ба ҳисоб гирифтани воситаҳои асоснок дар ҳолати таъмиру таҷдиди иншооти кӯҳна | ВТҲИА-3, ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, МД-10, МД-7, РТҲИА | 2018 (1)- 2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.4.8. | Таҳия намудани Барномаи давлатии «Муҳити дастрас» | МД-10,<br>МД-9,<br>ВТҲИА-5,<br>ВТҲИА-2,<br>ВТҲИА-3,<br>ВТҲИА-1,<br>ШР, ТҶГ | 2017 (3)-<br>2018 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.4.9. | Таҳия ва татбиқи чорабиниҳо барои фарогирии талаботи шахсони маъюб дар нақшаву ташаббусҳои рушди ноҳия ва шаҳр | МД-5,<br>ВТҲИА-2,<br>ВТҲИА-1,<br>МД-4 | 2017 (1)-<br>2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.4.10. | Таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди малакаҳо барои наврасон ва калонсолони дорои маъюбият | ВТҲИА-2,<br>ВТҲИА-1,<br>МД-6,<br>МД-15<br>МД-4 | 2017 (2)-<br>2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.4.11. | Таҳкими система ва муассисаҳои таҳсилотӣ бо мақсади ба таври самаранок мутобиқсозии онҳо ба талаботи шахсони дорои маъюбият | МД-3,<br>ВТҲИА-2,<br>ВТҲИА-1,<br>МД-4 | 2017 (2)-<br>2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.4.12. | Арзёбии имконияти ҷорӣ намудани хизматрасонии тарҷумонӣ бо истифодаи имову ишора ва забони аломатҳо дар соҳаҳои тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои иллати шунавоӣ. Таҳияи механизмҳои ворид намудани чунин хизматрасониҳо дар рӯйхати хизматрасонии мавҷудаи тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, татбиқ ва дастгирии онҳо | ВТҲИА-2,<br>ВТҲИА-7,<br>ВТҲИА-1,<br>МД-4,<br>РТҲИА,<br>ТҶГ | 2017 (3)<br>2017 (4)-<br>2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда<br>Буҷети маҳаллӣ ва ШР |
| 2.4.13. | Арзёбии имконияти ҷорӣ намудани хизматрасонии тарҷумонӣ барои хизматрасониҳои ҳаётан зарур (масалан, дар системаи судӣ) барои қонеъ гардонидани талаботи шахсони иллати шунавоӣ дошта. Таҳияи механизмҳо барои ворид намудани чунин хизматрасониҳо дар рӯйхати хизматрасониҳои асосии мавҷуда | ВТҲИА-2,<br>ВТҲИА-7,<br>ВТҲИА-1,<br>МД-11<br>МД-4,<br>РТҲИА,<br>ТҶГ, ШР | 2017 (1)-<br>2017 (3)<br>2017 (4)-<br>2020 (4) | Дар доиран маблағҳои пешбинишуда<br>Буҷети маҳаллӣ ва ШР |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.4.14. | Таъсиси озмуни ҳамасолаи миллӣ барои беҳтарин муҳити дастрас байни иншоотҳои ба стандартҳои дастрасӣ ҷавобгӯ ва чораҳои мутобиқшавии оқилона барои қонеъ намудани талаботи шахсони дорои маъюбият ва дар назди омма эълон намудани ғолибон | ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, ВТҲИА-1, ГД-1, ШР, ТЧГ, МД-10, МД-13, МД-4 | 2017 (1)-2014 (4) | Дар доиран маблағҳои пешбинишуда<br><br>ШР, МД ва соҳибкорон |
| *Мустаҳкамсозии дастгирӣ дар сатҳи инфиродӣ ва ҷамъиятӣ* | | | | |
| 2.4.15. | Гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ ва фароғатӣ барои одамони дорои маъюбият, ки ба раванди ҳамгироӣ ва фарогирии онҳо ба ҷомеа ба воситаи:<br>- таҳия ва ташкили мусобиқаҳои варзишию фарҳангӣ, ки ба баландшавии сатҳи ҳаракатнокии онҳо дар сатҳҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва миллӣ мусоидат менамоянд (ҳар сол);<br>- ташкил ва гузаронидани мусобиқаҳои адабӣ, намоишгоҳҳои санъат, намоиши филмҳо байни одамони маъюб (ду маротиба дар як сол) | ВТҲИА-1, ВТҲИА-7, ТҶГ-6, ТҶГ-2, РТҲИА-1-4, ТҶГ, ШР, МД-13, МД-15, МД-4 | 2018-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ШР ва МД |
| *Тағйир додани муносибати одамон (нисбати масъалаҳои маъюбият)* | | | | |
| 2.4.16. | Гузаронидани чорабинӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба масъалаҳои маъюбӣ дар ҳамаи қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла мақомоти маҳаллӣ, кормандони соҳаи тандурустӣ (аз ҷумла кормандони ёрирасон), муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои ахбори омма ва ғайра. Чунин чорабиниҳо ба муносибат ба маъюбӣ дар асоси ҳуқуқӣ ва эҳсонкорӣ мусоидат хоҳад кард, ки дар он симои мусбати одамони дорои маъюбият, ноил шудани онҳо ба натиҷаи саривақтӣ ва самараноки тандурустӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ инъикос шудааст | ВТҲИА-2, ВТҲИА-7, ВТҲИА-1, ГД-1, МД-13, РТҲИА, ШР, ТҶГ, МД-4 | 2017 (2)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда буҷети маҳаллӣ, ШР ва МД |
| 2.4.17. | Ҷорӣ намудани дарси баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба масъалаҳои маъюбӣ дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, донишгоҳҳои олӣ, барномаи таълимӣ ва ҳамаи муассисаҳои такмили ихтисоси касбӣ, аз ҷумла мактабҳои миёна, донишгоҳҳо ва муассисаҳои такмили ихтисос | ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, МД-3, МТ, ГД-1, РТҲИА, ШР, ТҶГ, МД-4 | 2017 (3)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ШР ва МД |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.4.18. | Рушди лоиҳаҳо оид ба воситаҳои ёрирасони техникӣ барои хонандагоне, ки касби муҳандисиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва таҳсилоти олӣ меомӯзанд, ташвиқ намудани онҳо барои таҳияи лоиҳаҳои инноватсионии муҳандисӣ, ки ба ҳалли ниёзҳои одамони маъюб ва таҳияи воситаҳои ёрирасони техникӣ барои тандурустӣ мусоидат мекунанд | ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, МТ-13, МД-3, МД-6, МТ, ШР, МД-4 | 2017 (1)-2020 (4) | Буҷаи муассисаҳои таълимӣ ва ШР |
| 2.4.19. | Ташвиқ ва мусоидат намудан ба иштироки шахсони маъюб дар барномаҳои телевизион ва радио, пахши барномаҳо, чорабиниҳои варзишӣ, ҷамъиятӣ ва озмунҳо махсусан аз сатҳи маҳаллӣ то миллӣ (масалан, рақс дар аробачаҳои маъюбӣ, иштироки одамони ноқисии биноӣ дошта дар мусобиқаҳои асподавонӣ ё иштироки шахсони бе даст дар озмуни расми беҳтарин) | ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, ГД-1, МД-13. МД-15, ШР, ТҶГ, МД-4 | 2017 (2)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда МД, ШР ва соҳибкорон |
| 2.4.20. | Гузаронидани тадқиқи ибтидоии дониш, муносибат ва таҷриба барои ҷамъ овардани маълумот дар бораи дониш, муносибат ва таҷрибаи мавҷуда ва азхудкунии таҷрибаҳои шахсони маъюб. Ин маълумот аз рӯи синну сол ва ҷинс гурӯҳбандӣ карда мешавад | ВТҲИА-2, ВТҲИА-1, МД-3, МД-6, МТ, ШР, ТҶГ | 2017 (1)-2017 (4) | ХК СММ |
| 2.4.21. | Кор бо васоити ахбори омма ва рӯзноманигорон ҷиҳати баланд бардоштани салоҳияти онҳо вобаста ба масъалаҳои маъюбӣ ва ба истифодаи истилоҳоти дӯстонаи марбут ба шахсони маъюб дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ | ВТҲИА-1, ВТҲИА-7, ШР, ТҶГ, РТҲИА, МД-13 | 2017 (4)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.5. Механизми мониторинг ва арзёбии Барномаи миллӣ | | | | |
| 2.5.1. | Рафти татбиқи Барномаи миллӣ дар ҷараёни нишасти матбуотии солонаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар охири ҳар соли тақвимӣ муҳокима карда мешавад | ВТҲИА-1, ГД-1, МД-1 | 2017 (4)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |
| 2.5.2. | Ҳисобот оид ба мониторинг ва арзёбӣ ҳар ду сол як маротиба омода гашта, дар раванди мизҳои мудаввар ва семинарҳо шунида мешавад | ВТҲИА-1, МД-1, ШР, МД-4 | 2017 (4)-2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва ШР |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2.5.3. | Ҳисобот аз ҷониби шарикон оид ба натиҷаҳои татбиқи Барномаи миллӣ ҳамасола ба ВТҲИА барои тартиб додани ҳисоботи ягона ва пешниҳод намудани он ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешавад | РТҲИА, МТ, МТ, МИ, МД, ШР, ТҶҒ, ГД | 2017 (4)<br>2017 (4)<br>2018 (4)<br>2019 (4)<br>2020 (4) | Дар доираи маблағҳои пешбинишуда |

# 9. ШАРИКОН ОИД БА ТАТБИҚИ БАРНОМАИ МИЛЛӢ

| Вазорату идораҳо | Воҳидҳои сохторӣ | Вазорату идораҳо | Воҳидҳои сохторӣ |
|---|---|---|---|
| *ВТҲИА* | *1. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баъзе муассисаҳои тобеи он* | | |
| ВТҲИА-1 | Дафтари вазир | ВТҲИА-7 | Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВТҲИА-2 | Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | ВТҲИА-8 | Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ |
| ВТҲИА-3 | Раёсати ташкили хизматрасонии тиббӣ ба модарон, кӯдакон ва танзими оила | ВТҲИА-9 | Пажуҳишгоҳи ташхиси тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон |
| ВТҲИА-4 | Раёсати иқтисодӣ ва банақшагирии буҷети соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | | |
| ВТҲИА-5 | Шӯъбаи назорат коргузорӣ ва корҳои махсус | | |
| ВТҲИА-6 | Шӯъбаи ҳуқуқ | | |
| *РТҲИА* | *2. Раёсатҳои тандурустии вилоятӣ ва шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ* | | |
| РТҲИА-1 | Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии ВМКБ | РТҲИА-7 | Раёсати тандурустии ВМКБ |
| РТҲИА-2 | Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилояти Суғд | РТҲИА-8 | Раёсати тандурустии вилояти Суғд |
| РТҲИА-3 | Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилояти Хатлон | РТҲИА-9 | Раёсати тандурустии вилояти Хатлон |
| РТҲИА-4 | Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳри Душанбе | РТҲИА-10 | Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе |
| РТҲИА-5 | Шӯъбаҳои ёрии иҷтимоӣ дар хона | РТҲИА-11 | Муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ (КАТС) |
| РТҲИА-6 | Машваратгоҳҳои психологӣ, тиббӣ ва педагогӣ | РТҲИА-12 | Шӯъбаҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак |
| *МТ* | *3. Муассисаҳои таҳсилотӣ барои тайёр намудан ва такмили тахассуси касбии кормандон* | | |
| МТ -1 | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. | МТ -5 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| МТ -2 | Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | МТ -6 | Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо |
| МТ -3 | Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | МТ -7 | Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ |
| МТ -4 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | МТ -8 | Коллеҷҳои тиббӣ (Кӯлоб, Хуҷанд, Ҳисор, Рашт, Ёвон, Данғара, |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | Конибодом, Истаравшан, Панҷакент, Хоруғ, Турсунзода, Қӯрғонтеппа, Ваҳдат) |
| *МТВ* | *4. Марказҳои тавонбахшӣ* | | |
| МТВ -1 | Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб «Чорбоғ» дар н. Варзоб | МТВ -8 | Маркази миллии ташхис |
| МТВ -2 | Маркази ҷумҳуриявии солимгардонии кӯдакона (Мачитон) | МТВ -9 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ |
| МТВ -3 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои чашм | МТВ -10 | Маркази ҷумҳуриявии саломатии равонии кӯдакону наврасон |
| МТВ -4 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои дил | МТВ -11 | Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ |
| МТВ -5 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои сутунмӯҳра | МТВ -12 | Беморхонаи ҷумҳуриявии физиотерапевтии ба номи А. Нурматов |
| МТВ -6 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои ортопедӣ ва травматологӣ | МТВ -13 | Корхонаи воҳиди давлатии «Заводи протезию ортопедивӣ» (КВД ЗПО), |
| МТВ -7 | Маркази ҷумҳуриявии барқарорсозии тиббию иҷтимоӣ «Тангаӣ» | | |
| *МИ* | *5. Муассисаҳои интернатӣ* | | |
| МИ -1 | Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ваҳдат | МИ -8 | Маркази байналмилалии тавонбахшӣ дар ноҳияи Балҷувон |
| МУ -2 | Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони «Батош» шаҳри Турсунзода | МИ -9 | Мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявии кӯдакони маъюбии биноӣ ва шунавоӣ дошта дар ноҳияи Рӯдакӣ |
| МУ -3 | Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони ноҳияи Ёвон | МИ-10 | Мактаб интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони нобино ва биноияшон суст (Хуҷанд, Исфара, Ҳисор) |
| МУ -4 | Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Панҷакент | МИ-11 | Мактаб- интернати ҷумҳуриявии кӯдакони низоми махсус (фалаҷи атфол) |
| МУ -5 | Хонаи маъюбон «Деҳмой»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | МИ-12 | Мактаб-интернат барои кӯдакони қобилияти ақлониашон суст (Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб) |
| МУ -6 | Хона - интернати беморони | МИ-13 | Хонаи кӯдакон (Хуҷанд, |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | рӯҳии ноҳияи Ҳисор | | Истаравшан, Душанбе) |
| МУ -7 | Хона - интернати беморони рӯҳии ноҳияи Восеъ | | |
| *МД* | *6. Муассисаҳои давлатӣ, ба ғайр аз Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ* | | |
| МД -1 | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | МД-10 | Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МД-2 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Раёсати рушди иҷтимоӣ | МД-11 | Шӯрои адлия |
| МД -3 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | МД-12 | Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдаки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МД -4 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | МД-13 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МД-5 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | МД-14 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МД-6 | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | МД-15 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МД-7 | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | МД-16 | Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МД-8 | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон | МД-17 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МД-9 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | МД -18 | Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ММҚ | Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | | |
| *ШР* | *7. Шарикони байналмилалӣ оид ба рушд* | | |
| ШР -1 | Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ) | ШР -10 | Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (GIZ) |
| ШР -2 | Хазинаи кӯдакони СММ | ШР -11 | Муассисаи қарздиҳӣ барои барқарорсозии иқтисодиёт (KfW) |
| ШР -3 | Барномаи рушди СММ (БРСММ) дар Тоҷикистон. | ШР -12 | Агентии Ҷопон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ |
| ШР -4 | СММ Департамент оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва | ШР -13 | Агентии Туркия оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | иҷтимоӣ | | (TIKA) |
| ШР -5 | Бонки умумиҷаҳонӣ | ШР -14 | СММ Занҳо |
| ШР -6 | Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | ШР -15 | ЮНЭЙДС |
| ШР -7 | Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (SDC) | ШР -16 | Бонки осиёи рушд (АБР) |
| ШР -8 | Фонди Абилис | ШР -17 | Сафоратхонаҳои мамлакатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ШР -9 | Агентии ИМА оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (USAID) | | |
| *ТҶГ* | *8. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ, касбӣ ва байналмилалии ғайриҳукуматӣ* | | |
| ТҶГ -1 | Конфедератсияи иттифоқҳои касаба | ТҶГ -5 | Ассотсиатсияи волидайни кӯдакони маъюб. |
| ТҶГ -2 | Кумитаи миллии параолимпӣ | ТҶГ -6 | Федератсияи варзиши маъюбони Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ТҶГ -3 | Созмонҳо оид ба кор бо шахсони маъюб | ТҶГ -7 | Ташкилотҳои маҳаллии ҷамъиятӣ, ки барномаҳои буду боши рӯзона ва тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоатро татбиқ менамоянд |
| ТҶГ -4 | Олимпиадаи махсуси Тоҷикистон | ТҶГ -8 | Ташкилотҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ, (Институти Ҷомеаи кушод, Фонди Сорос) Оперейшн Мерси, Каритас-Олмон, Ҳэндикап интернейшнл, Ассотсиатсияи ёрӣ ва мусоидати Ҷопон (AAR Japan), Миссияи Шарқ, Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх – Фонди махсус барои одамони маъюб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| *ГД* | *9. Гурӯҳҳои дигари ёрирасон* | | |
| ГД -1 | Кумитаи ҳамоҳангсозӣ | ГД -3 | Шабакаи тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат |
| ГД -2 | Гурӯҳи корӣ оид ба масъалаҳои меъёрию ҳуқуқӣ | | |
| *ДБ* | *10. Донорҳои байналмилалӣ* | | |

# 10. ИСТИЛОҲОТ

Луғати мазкур аз таҳлили вазъият оид ба вазъи тавонбахшӣ дар Тоҷикистон (агар тартиби дигар нишон дода нашуда бошад), гирифта шудааст.

Дастрасӣ - дастрасӣ дараҷаеро тавсиф менамояд, ки то он муҳити зист, хизматрасонӣ ё маҳсулот ба шумораи ҳарчӣ бештари одамон дастрас аст, махсусан, барои одамони дорои маъюбият.

Стандартҳои дастрасӣ - стандарт сатҳи сифат аст, ки ҳамчун меъёр қабул карда шудааст.

Фаъолнокӣ - аз рӯи (ICF), фаъолнокӣ, ин иҷро намудани вазифа ё амалиёте аз тарафи шахс аст. Вай рамзи нуқтаи назари инфиродии фаъолиятро дорад.

Маҳдудияти фаъолнокӣ - мушкилотест, ки шахс ҳангоми татбиқи фаъолият аз сар мегузаронад.

Муоширати алтернативӣ - усули ҳамкорӣ аст, ки нутқ ва хатро пурра ё иваз менамояд - масалан, ифодаи қиёфаи рӯй, рамзҳо, расмҳо, имову ишора ва аломатҳо.

Технологияи мувофиқ - технологияи ёрирасон, талаботу ниёзҳои одамонро ба воситаи малакаҳои маҳаллӣ, асбобу таҷҳизот ва маводҳо, ки оддӣ, самаранок, аз рӯи арзиш дастрас ва барои истифодабарандагон қобили қабул аст, қонеъ месозад.

Воситаҳои ёрирасон (мол) барои саломатӣ [аз ёддошти консепсияи ТУТ ва Ҳамкориҳои умумӣ оид ба технологияҳои ёрирасони техникӣ]ҳама гуна шакли воситаи (асбоби) беруна, ки махсус тарҳрезӣ ва амалӣ шудааст, ё умуман дастрас буда, таъминоти аввалиндараҷаи он дастгирӣ ё беҳтардонии фаъолият ва истиқлолияти воқеии шахс, ба иштирок ва беҳтар намудани некӯаҳволии умумии ӯ мусоидат намудан аст.

Воситаҳои технологии ёрирасони тиббӣ - аз ёддошти консепсияи ТУТ ва Ҳамкориҳои умумӣ оид ба воситаҳои ёрирасони техникӣ истифодаи дониш ва малакаҳои муташаккил, расмиёт ва системаҳои ба таъмини таҷҳизоти барои саломатӣ ёрирасон вобаста. Воситаҳои ёрирасони технологияи тиббӣ ин истилоҳоти муттаҳидкунандаи воситаҳои ёрирасон, хизматрасониҳо ва ҳам истифодаи илмии он мебошад.

Монеаҳо - омилҳое дар муҳити воқеии шахс мебошанд, ки ба туфайли набудан ё мавҷудияташон фаъолиятро маҳдуд намуда, сабаби афзоиши маъюбӣ мегарданд. Масалан, набудани дастрасӣ ба муҳити ҷисмонӣ, набудани воситаҳои технологияи ёрирасони мувофиқ ва муносибати манфӣ нисбат ба маъюбӣ.

Қобилияти эҳтимолӣ (имконпазир) - консепсияи Таснифоти Байналмилалии ҳаракатиои ҷисмонӣ ба нишондиҳандаи сатҳи баландтарини имконпазири фаъолиятнокӣ, ки шахси воқей метавонад ба он дар муҳити якранг ва стандартӣ расад, ишора намуда, қобилияти муҳити зисти қаноатбахши инфиродиро инъикос менамояд.

Ақибмонӣ аз рушд - истилоҳи ақибмонӣ аз рушд, навзод ё кӯдаки синну соли хурдро, ки малакаҳои мувофиқи структура ё синну соли мувофиқаш ба таъхир афтодааст, тавсиф менамояд. Навзод ё кӯдаки синну соли хурд малакаҳоеро, ки аз рӯи синну соли хронологӣ бояд нишон диҳад, надорад. Дар мавриди баъзе аз кӯдакон, ба таъхир афтодани инкишоф

ба рушди ягон маъюбии махсус оварда мерасонад ва кӯдак баъдтар чун маъюб ташхис мешавад, дар ҳоле ки дигар кӯдакон оқибат рушд намуда ба ҳамсолони худ мерасанд (Коулмеи, Ҷ (2006) (Ed.). Луғати дахолати барвақтӣ; Дастури бисёрсоҳа оид ба истилоҳот (3 Ed).Бетесда, MD: Вудбин Ҳаус. (С. 112)]

Дахолати барвақтӣ -стратегияҳоеро дар назар дорад, ки ба дахолати барвақтӣ ва мавҷудияти мушкилӣ нигаронида шудаанд ва роҳҳои инфиродии ҳалли махсус таҳияшударо таъмин менамоянд.

Муҳити барои зист мусоид - муҳитест, ки иштирокро дастгирӣ намуда, ба бартараф намудани монеаҳо бо пешниҳоди омилҳо мусоидат менамояд.

Ноил шудан ба баробарии имкониятҳо - Равандест, ки бо истифодаи он дастрасӣ барои ҳамаи системаҳои гуногуни ҷомеа ва муҳити беруна, ба монанди хадамот, фаъолият, иттилоот ва ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла барои шахсони дорои маъюбият таъмин карда мешавад.

Фаъолиятнокӣ - Истилоҳи муттаҳидкунанди аз барои ҳаракатҳои бадан, структураи бадан, фаъолият ва иштироки бадан. Он ба ҷиҳатҳои мусбии байни шахси воқеӣ (ки вайроншавии ҳаракат дорад) ва омилҳои муносиби мазмум (беруна ва шахсӣ) ишора мекунад (Таснифоти байналмилалии ҳаракатҳои ҷисмонӣ).

Вайроншавии саломатӣ - ин истилоҳи муттаҳидкунанда барои бемориҳои (шадид ё музмин), вайроншавӣ, захмдоршавӣ ё осеббинӣ аст. Вайроншавии саломатӣ метавонад дигар вазъиятҳоро низ дар бар гирад, аз ҷумла, ҳомиладорӣ, пирӣ, стресс ё аксуламали бадан ба омилҳои муҳити атроф, иллатҳои модарзодӣ ё ирсӣ (Таснифоти байналмилалии ҳаракатӣои ҷисмонӣ).

Вайроншавии ҳаракат - гум кардан ё равиши назаррас аз меъёрӣои омор муқаррар карда мешавад, гум кардан ё вайроншавӣ дар сохтори бадан ё ягон функсияи физиологӣ (аз ҷумла вазифаҳои равонӣ), ки дар он патология маънои дуршавӣ аз меъёрӣои статистикии муқарраршударо дорад (Таснифоти байналмилалии ҳаракатӣои ҷисмонӣ).

Ёрии ғайрирасмӣ – ёрӣ ё дастгирӣ, ки аз тарафи ягон аъзои оила, рафиқ, ҳамсоя ё ихтиёриён бе маблағ расонида мешавад.

Эрготерапия (ё табобат ба воситаи меҳнат) - Беҳтар намудани сатҳи саломатӣ ва некӯаҳволӣ тавассути меҳнат. Мақсади асосии табобат ба воситаи меҳнат аз додани имконият барои иштирок дар фаъолиятҳои ҳаррӯзаи ҳаётӣ мебошад. Мутахассисони табобат бо меҳнат натиҷаҳои дилхоҳро ба воситаи фароҳам овардани имконияти банд шудан ба коре, ки қобилиятҳои онҳоро беҳтар мегардонад, ё мутобиқнамоии вазъияти беруна, ки ба иштироки самараноки онҳо мусоидат мекунад.

Хизматрасониҳои Аутрич - ин фаъолияти пешниҳоди хизматрасониҳо ба аҳолӣ, ки ба хнзматрасониҳои мавҷуда дастрасӣ надоранд мебошад. Қисмати асосии фаъолияти аутрич аз он иборат аст, ки гурӯҳи хизматрасон намояндаи беморхона нест, ин хизматҳо дар якҷоягӣ бо тарафҳои шавқманди маҳалли татбиқ намуда, механизми пайдарпайиро риоя мекунанд. Яъне онҳо талаботи баҳрабарандангонро ба хизматҳо дар ҷои зисти онҳо қонеъ менамоянд. Чун илова ба хизматҳо, хизматрасонии аутрич инчунин, нақши таълимдиҳандаро иҷро менамояд. Вай ба воситаи баланд бардоштани сатҳи огоҳии

аъзоёни ҷамоат, ба онҳо оид ба хизматрасониҳои мавҷуда иттилооти муфид пешниҳод менамояд.

Фаъолнокӣ - консепсияи корҳоеро, ки шахсони алоҳида дар муҳити атрофашон мекунанд, бо иловаи ҷалбшавиашон ба ҳолатҳои ҳаётӣ тавсиф намудааст. Муҳити атрофи имрӯза бо истифодаи омилҳои беруна тавсиф карда мешавад (Таснифоти байналмилалии фаъолият). Духтурон мутахассисони соҳаи тибби ҷисмонӣ ва тавонбахшӣ - хизмарасониҳоро бо ташхиси мушкилоти соҳаи тандурустӣ, арзёбии фаъолияту ҳаракат ва таъини дахолати тиббӣ ва технологӣ, ки мушкилиҳои вайроншавии саломатиро табобат ва қобилияти кориро тавон мебахшад, таъмин менамоянд.

Физиотерапия - пешниҳоди хизматҳо ба шахсони алоҳида бо мақсади рушд, дастгирӣ ва баланд намудани қобилиятҳои ҳаракатӣ дар давоми тамоми ҳаёт мебошад.

Протезист-ортопед - хизматҳои ортопедӣ, ё дигар хизматрасониҳоро бо мақсади беҳтар намудани фаъолияту ҳаракати одамони маъюб ба воситаи дар ҳолати хуби коршоямӣ нигоҳ доштани воситаҳои ёрирасони ҳаракати ҷисмонӣ таъмин менамояд. Ба кӯмаки ортопедӣ воситаҳои ёрирасони иловагие, ки бо мақсади дастгирӣ, рост нигоҳ доштан ё беҳгардонии ҳаракату амали узвҳои бадани одамони маъюб ёрӣ мерасонанд, дохил мешавад; тадбирҳои протезӣ ба таври сунъӣ иваз намудани ягон қисми берунаи бадан ва дар ҳолати хуби корӣ нигоҳ доштани онро таъмин менамояд.

Мутобиқсозии оқилона - воридсозии тағйироти зарурию мувофиқ. Маънои воридсозии дигаргуниҳои зарурӣ ва мувофиқро дар ягон вазъи муайяну мушаххас дорад, ки он бори гарони номутаносиб ё беасос набуда бо мақсади таъмини истифода дар асоси баробари бо дигар шахсон, одамони маъюб низ аз тамоми ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсонӣ баҳравар мешаванд.

Корманди иҷтимоӣ - корманди иҷтимоии касбӣ, қобилиятҳои имконпазири шахсони алоҳида ё гурӯҳҳоро бо мақсади самаранок фаъолият намудан дар ҷамъият барқарор ё беҳтар менамояд ва ба ҷомеа барои мутобиқ намудани худ ба ниёзу талаботи онҳо ёрӣ мерасонад.

Тарҳрезии умумӣ - маҳсулоти тарҳрезишуда, муҳит, барномаю хизматрасониҳо бояд барои истифодаи ҳамаи одамон ба ҳадди имкон, бидуни зарурати мутобиқнамоҳ ё тарҳи махсус дастрас бошад. Барқарорсозии касбӣ ва омӯзиши барномаҳо барои таҷдид ё рушди қобилиятҳои одамони маъюб, бо мақсади дастрас кардан, нигоҳдорӣ, ва муваффақ шудан дар шуғли мувофиқ тарҳрезӣ шудаанд, масалан, омӯзиши касбӣ, машваратдиҳӣ оид ба кор, машварату хизматрасонӣ оид ба таъмии намудан бо ҷойҳои корӣ.

Утверждена
постановлением Правительство
Республики Таджикистан
от 28 октября 2016 года, № 455

# НАЦИОНАЛЬНАЯ ПРОГРАММА РЕАБИЛИТАЦИИ ИНВАЛИДОВ НА 2017 - 2020 ГОДЫ

**Душанбе - 2016**

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 28 октября 2016 года № 455
ш. Душанбе

## О Национальной программе реабилитации инвалидов на 2017 – 2020 годы

В соответствии со статьёй 17 Конституционного закона Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан» и во исполнении пункта 10 постановления Правительства Республики Таджикистан от 28 января 2015 года, №21 «Об итогах социально-экономического развития Республики Таджикистан в 2014 году и задачах на 2015 год» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Национальную программу реабилитации инвалидов на 2017 – 2020 годы (прилагается).

2. Координатором настоящей Программы определить Министерство здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан.

3. Министерствам и ведомствам, председателям Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов в рамках предусмотренных бюджетных средств и за счет других источников, не запрещённых законодательством Республики Таджикистан, принять необходимые меры для реализации целей и задач, предусмотренных Программой.

4. Министерству здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан каждое полугодие информировать Правительство Республики Таджикистан о ходе выполнения Программы.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан — Эмомали Рахмон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

**Рабочая группа по разработке Национальной программы реабилитации инвалидов на 2017-2020 годы** – Н. Салимзода (общее руководство) С. Умарзода (руководитель рабочей группы), Д.Н. Содикова, Л.С. Бобоходжиева Ш.Р. Рахматуллоев, К.Б. Курбонов, А.Р. Ходжаева, А. Исмоилов, А.Г. Гоибов, А.Дж. Шехов, Х.А. Наврузов, С. Мишра, С. Каландаров, З.А. Комилова.

## ЗАИНТЕРЕСОВАННЫЕ СТОРОНЫ

**Ответственный орган (координатор) -** Министерство здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан, Государственное агентство социальной защиты населения МЗСЗН, Государственная служба медико-социальной экспертизы МЗСЗН, дома-интернаты для престарелых и инвалидов (Турсунзода, Яван, Пенджикент, Дж. Расулов), Заводы протезирования и ортопедических изделий (Душанбе, Худжанд, Куляб, Хорог), Институт последипломной образования в сфере здравоохранения Республики Таджикистан, Национальный центр реабилитации детей-инвалидов «Чорбог», Таджикистана, отделы социальной помощи на дому городов и районов, ПМПК (Б.Гафуров, Душанбе, Исфара, Кулоб, Курган-тюбе, Пенджикент, Хорог, Худжанд), Республиканский детский реабилитационный центр, Республиканский центр психического здоровья детей и подростков, Республиканский учебно-клинический центр сестринского дела, Таджикский государственный медицинский университет им. А. Ибн Сино, территориальные центры социального обслуживания престарелых и инвалидов (А. Джоми, Бохтар, Вахш, Деваштич, Душанбе, Истаравшан, Курган-тюбе, Худжанд, Хуросон), управления здравоохранения городов и районов, Учебно-практический комплекс социально-инновационной работы,

